ЧАРО РОҲИ ПАНҶАКЕНТ-САМАРҚАНД СОХТА НАМЕШАВАД? с. 3

АЛӮ НЕ, САЛОМ ГӮЙ! с. 9

ПРЕЗИДЕНТ МУМИНЗОДАРО РОНД с. 11



# ТОҶИКИСТОН

№30 (1593), 24.07.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992




ДАР ИН ШУМОРА:


**АШӮРЗОДА ВА ҲАЛИМЗОДА**
Ду чеҳраи нав дар сиёсати Тоҷикистон с.3

**ТРАМП Ё КАМАЛА**
Интихоботи ИМА бе Байден баргузор мешавад с.4

**“АКСИКОН”**
Он ба бозсозӣ ниёз дорад? с.6

**ҒОРАТИ ҚАБРИСТОН**
Кӣ ба мазори бузургон дастдарозӣ мекунад? с.7

**РУБЛИ РАҚАМӢ**
Он ба муҳоҷирони меҳнатӣ чӣ таъсир дорад? с.8

**ФУЗАЙЛ МАХСУМ**
Ва зиндагии “баъди марг”-аш дар Ҳиндустон с.13

**МУҲОҶИРОН**
Бобозода сабаби ихроҷашонро гуфт с.11

**КАНЗИ ШИФО**
Роҳҳои халқии табобати саратон с.12





# ТОҶИКИСТОН БА ПЕШ!


МАҶМААИ НАВИ ИСТИҚОМАТИИ ПӮЛОДӢ

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,

ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ БЕ ФОИЗ

СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —



- Хонаҳо аз 56,10м2 то 138,90м
- Баландии шифти квартираҳо 3м 15 см
- Тирезаҳои алюминий
- Лифтҳои бренди ҷаҳонӣ
- 24/7 амният ва назорати видео
- Таваққуфгоҳи зеризаминӣ
- Дар наздики гипермаркети
- Auchan, мағозаи JYSK

Бинои истиқоматии баландошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаи аввал ва таваққуфгоҳи нақлиёти автомобилӣ дар таҳхонаи он, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ № 33, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ:
+992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

*Оймуҳаммадзода:*

## 15 СОЛ ЛОЗИМ АСТ, КИ ЯК ГЕОЛОГИ ҲАҚИҚӢ ОМОДА ШАВАД

**Илҳомҷон Оймуҳаммадзода, сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Тоҷикистон гуфт, ки барои омода шудани як геологи ҳақиқӣ зиёда аз 15 сол лозим аст.**

Ӯ ин нуктаро зимни нишасти матбуотӣ вобаста ба норасоии кадрҳои соҳаи геологӣ баён дошт.

Ба таъкиди Илҳомҷон Оймуҳаммадзода, дар соли равон 35 нафар донишҷӯ барои таҳрибаомӯзӣ ба Саридораи геология муроҷиат намуданд, аммо барои тайёр кардани онҳо ҳамчун мутахассиси баландихтисос вақт лозим аст.

Ӯ гуфт, ки ҳоло барои гузаронидани корҳои омӯзиши геологӣ онҳо мутахассисони хориҷиро ҷалб намекунанд. Корҳои омӯзиши геологиро дар мамлакат ҷавонони Саридораи геология амалӣ менамоянд.

## ДЕПОРТИ 3400 ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН АЗ РУСИЯ

**Дар шаш моҳи аввали соли равон 3400 муҳоҷир аз фурудгоҳҳои Русия ба Тоҷикистон баргардонида шудаанд.**

Дар ин бора директори Агентии авиатсияи граждании Тоҷикистон Ҳабибулло Назарзода иттилоъ дод. Ба гуфтаи ӯ, сабаби баргардонидан ва депорти муҳоҷирон комил набудани ҳуҷҷатҳояшон барои кору зиндагӣ дар Русия мебошад.

Назарзода таъкид намуд, ки авҷи депорту баргардонидани муҳоҷирон ба як моҳи баъди ҳаводиси "Крокус" рост омада, феълан вазъ ба реҷаи муқаррарӣ баргаштааст. Ӯ афзуд, онҳое, ки ҳуҷҷатҳояшон мушкил надоранд, бе монеа сафар мекунанд.

*Ҷумъа Давлатов:*

## ДАР МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ КАДР НАМЕРАСАД

**Қариб 3 ҳазору 900 корманд дар мақомоти давлатии Тоҷикистон намерасанд.**

Ҷумъа Давлатов, директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфт, ки ҳоло дар кишвар 18 ҳазору 384 хизматчии давлатӣ фаъолият доранд, ки аз ин 4 ҳазору 655 нафар зан мебошанд. Аммо дар умум, дар мақомоти давлатӣ норасоии кадрӣ эҳсос мешавад.

"Ба ҳолати семоҳаи аввали соли 2024 дар вазорату ниҳодҳои гуногуни давлатӣ 3 ҳазору 881 корманд намерасид. Дар семоҳаи дуюм 51 ҷойи корӣ пур карда шуд ва ҳоло 3 ҳазору 830 ҷойи корӣ холӣ аст",- гуфт Давлатов.

Тибқи иттилои ин ниҳод, дар сатҳи ҷумҳурӣ - 12-13%, дар сатҳи мақомоти маҳаллӣ - 17-19% ва дар сатҳи ҷамоатҳо зиёда аз 30% вазифаҳо холӣ мебошанд.

Тибқи иттилои Ҷумъа Давлатов, ба ҳолати 1-уми июли соли равон дар 23 ниҳоди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Хатлон, 12 мақомоти НТҶ, 7 мақомоти Суғд, 3 мақомоти Бадахшон, 4 мақомоти Душанбе, 32 мақомоти марказӣ, ҷамъ дар 81 мақомоти давлатӣ дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи то 30% расонидани теъдоди занон таъмин карда нашудааст.



## ЯКУМИН ФЕСТИВАЛИ ЛИБОСИ МИЛЛӢ ДАР ДУШАНБЕ

**Дар шаҳри Душанбе аввалин Фестивали либоси миллӣ баргузор мешавад. Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ масъулини Вазорати фарҳанги Тоҷикистон иттилоъ доданд.**

Дар якумин Фестивали либоси миллӣ намунаҳои беҳтарини либосҳои миллии тоҷикӣ ба маърази тамошо гузошта мешаванд.

Дар баробари либосҳои миллии тавсиявӣ барои занону духтарони тоҷик, омода намудани тарҳи либосҳои миллӣ барои мардони тоҷик низ дар назар дошта шудааст.

Ёдрас мешавем, ки чанде қабл парлумони кишвар ба ҷонибдории қонуни нав овоз дод, ки пӯшидани либосҳои бегона, аз ҷумла сатру ҳиҷоб, доманҳои кӯтоҳ (мини-юбка), шимҳои даридаи ҷинс ва дигар либосҳои барои фарҳанги миллати тоҷик бегонаро манъ мекунад.

## САРИ САБЗ



**Хуршед ИБРОҲИМЗОДА, корманди ансамбли "Шашмақом"**

**- Саҳна барои ҳунарманд ҷойи муқаддас аст ва ҳар гоҳ баромадан ба он ӯро эҳсоси аҷибе фаро мегирад. Хусусан, рӯ дар рӯи аъзои ҳакамон баромад намудан пур аз ташвишу ҳаяҷон аст... Барои он ки ҷавонон "Шашмақом" гӯш кунанд, бояд онҳоро бо ин жанр ба воя расонд.**

*- Агар ҳунарманд зинаҳои зиёдро гузашташу пасту баландиҳоро дида ва ба як мутахассиси ҳирфаӣ табдил шуда бошад чӣ? Ӯро ҳам эҳсос фаро мегирад? Агар ҳа, чӣ тавр ҷавононро бо "Шашмақом" ба воя мерасонем?*



**Малика ҲАСАНОВА, донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**- Ҳуқуқшинос шахсе аст, ки ҳуқуқҳои худро донисту, ҳуқуқҳои дигаронро эътироф ва ҳимоя менамояд. Аз хурдӣ кӯшиш мекардам ҳақи касеро нахӯрам. Ман меҳоҳам дар оянда барои ба таҳсил фаро гирифтани духтарон ва баробарии онҳо бо мардон талош намоям.**

*- Беҳтарин амал барои як нафар ҳуқуқшиноси инсондӯст, офарин! Боз агар барои баробарии мардон бо занон ҳам талош мекардед, нуран алонур мешуд.*



**Сарвар ҲАМИДОВ, варзишгари муҳорибаҳои омехта**

**- Агар тарс медоштам, ба рақобат намебаромадам. Ман таҷриба дорам. Албатта, изтироб рӯй медиҳад, аммо кӯшиш мекунам, ки онро назорат кунам. Вақте ки шумо ба ҳаштгунҷа мебароед, бояд ҳама ҳиссиётҳо ҳаяҷонро фурӯ нишонед, агар не, коратон тамом.**

*- Рост, агар даҳгунҷа ҳам ки бошад, рақобат рақобат аст, дар ҳолати сустӣ кардан, рақиб бародари мо нест, ки "додар" ё "ака" гуфта, изтироби моро дарк кунад.*


**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,** раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,** академик

**Шералӣ КАБИР,** вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,** сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,** нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,** адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# АШӮРЗОДА ВА ҲАЛИМЗОДА

## Ду чеҳраи нав дар фазои сиёсии Тоҷикистон

**Ҳафтаи равон дар низоми сиёсии кишвар тағйироти назаррас ба амал омад. Раиси ду ҳизби сиёсии кишвар, ки дар парлумон намоянда доранд, иваз шуданд.**



### Барои муваффақият дар интихобот

Зимни ҷаласаи ғайринавбатии Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, ки 20-уми июл дар бинои Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия баргузор шуд, Рустам Қудратов канор рафт ва Ғиёсиддин Ашӯрзода раиси нави ин ҳизб интихоб шуд.



Рустам Қудратов бо хоҳиши худ аз вазифаи раисии ҳизб канор рафт. Ӯ вақти эълони тасмими аз вазифа рафтан ва муаррифии раиси нави ҳизб гуфт: "Мо аз ҳизб рафтанӣ нестем, дар паҳлуяшон меистем ва ба мақсадҳои ниҳоии худ мерасем". Ӯ ҳамчунин таъкид кард, ки барои муваффақияти бештар дар интихоботи парлумонии соли 2025 аз вазифа меравад.

Рустам Қудратови 63-сола аз соли 2019 роҳбарии ҲИИТ-ро ба зимма дошт. Ӯ дар ин вазифа муассиси ҳизб Олим Бобоевро иваз карда буд.

Раиси ҲИИТ дар ҳоле иваз шуд, ки қаблан Даринг Раҳмон Ҷаҳон Афрӯз Қурбонзода вакили парлумон аз ин ҳизб гуфт, ки дар барномаи анҷумани ғайринавбатӣ иваз шудани раиси ҳизб нест.

Ҳамчунин, дар ҷаласаи ғайринавбатии ҲИИТ Машраб Файзуллоев, ректори кунунии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон бори дигар муовини аввали раиси ҳизб интихоб шуд. Якҷо бо ӯ, Рустам Қудратов, Сарвиноз Наҷмиддинова ва Ҳайдар Раҳматзода муовинони раиси ҳизб интихоб шуданд.

Мавриди ёдоварист, ки ҲИИТ соли 2005 таъсис ёфта, 33 ҳазор аъзо дорад. Айни замон 5 узви ҲИИТ вакили парлумон ҳастанд. ҲИИТ дар парлумон фраксия дорад.

### Ашӯрзода кист?

Ғиёсиддин Ашӯрзода, раиси нави ҲИИТ 48 сол дошта, зодаи шаҳри Ҳисор аст. Соли 1999 Донишкадаи тиҷорати Тоҷикистонро бо ихтисоси муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ хатм кардааст.

Оиладор, соҳиби 3 фарзанд мебошад.

Ашӯрзода солҳои зиёд дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳайси муаллим, мудири кафедра, декан ва муовини ректор кор кардааст. Соли 2020 вакили парлумон интихоб шуд.

### Барканории Ғаффоров пас аз 20 сол



Пас аз ҲИИТ дар Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон низ тағйирот сурат гирифт. Дар Анҷумани 12-уми ғайринавбатии ҲСТ, ки рӯзи 23-юми июл дар Душанбе баргузор шуд, Абдуҳалим Ғаффоров пас аз 20 сол аз раисии ҳизб канор рафт.

Маъруфҷон Юсуфов, муовини аввали раиси ҲСТ дар анҷуман далели барканории Абдуҳалим Ғаффоровро чунин шарҳ дод: «Синну соли устод аз 73 гузашт ва солҳои ахир камтар саломатиашон азият дода истодааст. Аз ин лиҳоз, аз раёсати Кумитаи марказии Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон хоҳиш намуданд, ки бо ҳамин назардошт, ӯро озод намуда, ба ҷои ӯ ягон нафари ҷавонтар, бомасъулият, ростқавлу ватандӯстро интихоб намоем».

Пас аз ин вакилон дар анҷуман 3 номзад ба раисии ин ҳизб пешниҳод карданд. Аммо 2 нафар аз рақобат даст кашиданд ва Ғулом Ҳалимзода раиси ҳизб интихоб шуд.

Ёдовар мешавем, ки Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон соли 1996 аз ҷониби сиёсатмадори дар солҳои 90-ум таъсиргузор, раиси собиқи Шӯрои Олӣ Сафаралӣ Кенҷаев таъсис ёфтааст. Пас аз марги ӯ дар соли 1999 ин ҳизб ба ду шоха тақсим шуд, ки якеро Мирҳусайн Назриев ва дигареро Абдуҳалим Ғаффоров сарварӣ намуданд. Соли 2004 Вазорати адлия ҷиноҳи Абдуҳалим Ғаффоровро ба расмият шинохт.

Абдуҳалим Ғаффоров 2 навбат номзад дар интихоботи президенти Тоҷикистон буд. Ӯ ду навбати охир вакили Парлумони кишвар мебошад.

### Ҳалимзода: Омода нестам!

Ғулом Ҳалимзода дар сиёсат чеҳраи ноошно аст. Ӯ то ин замон вазифаи раҳбари ҳизб дар шаҳри Бӯстон ва вазифаи муовини раиси ин ҳизб дар вилояти Суғдро ба дӯш доштааст. Аз рӯйи ихтисос иқтисодчӣ аст.

Ӯ пас аз интихоб шудан ба ҳимҳизбиёнаш ташаккур гуфт ва аз Абдуҳалим Ғаффоров хоҳиш кард, ки чун мушовири ҳизб фаъолиятро давом диҳад.

"Кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки ҳизбро пеш барам, муттаҳид шавем ва ба қуллаҳои баланд расем",- гуфт Ғулом Ҳалимзода.

Раиси нави ҲСТ дар суҳбати кӯтоҳе ба "Озодӣ" гуфтааст, ки талош мекунад «кори ҳизбро аз худ кунад, аммо танҳо ҳадафи иҷтимоӣ» дорад. Ба савол дар бораи ин ки корро аз чӣ шурӯъ карданӣ аст, гуфтааст: "Ҳаракат мекунем ба парлумон мутобиқ бошем, сонӣ моро интихоб мекунанд. Мо аввал бояд худро нишон диҳем".

Ҳамчунин, ба пурсиши "Шумо барои маъракаҳои калонтари сиёсӣ, масалан интихоботи президентӣ омодагӣ мегиред?" Ҳалимзода чунин посух додааст: "Ман ҳанӯз ба ин чизҳо омода нестам, ҳанӯз дар ин бора фикр накардаам. Ин кор барои ман нав аст, ҳадафамон набуд, ки интихоб мешавам, ё интихоб намешавам. Ман ҳам дар ҳайҷон ҳастам, росташ".

### Тайёрӣ ба соли 2025

Анҷумани ғайринавбатии ҳизбҳои сиёсӣ дар чанд моҳи охир мавзӯи доғи расонаҳои Тоҷикистон гардидааст. Ахиран Ҳизби демократи Тоҷикистон бо баргузории анҷумани ғайринавбатӣ роҳбараш Саидҷаъфар Усмонзодаро барканор кард ва ба ҷои ӯ Шаҳбози Аброрро ба ин маснад интихоб намуд.

Пас аз чанде, рӯзи 14-уми июн Саидҷаъфар Усмонзода, ки вакили парлумон ҳам буд, "барои бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият" муттаҳам шуда, аз ҷониби Додситонии кулли Тоҷикистон боздошт гардид ва бар зиддаш парвандаи ҷиноятӣ боз шуд. Пас аз як ҳафта маълум гардид, ки муовини ҳизб Аҳмадшоҳ Комилзода низ боздошт шудааст. Раиси нави ҳизб вобаста ба ин қазия ва фаъолияти ояндаи ҳизб мавқеашро рӯшан накардааст.

Ба ақидаи коршиносон, ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон бо баргузор кардани анҷуманҳои ғайринавбатӣ ба интихоботи парлумонии соли 2025 омодагӣ мебинанд.

### Ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон

Ёдовар мешавем, ки айни ҳол дар Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ фаъолият доранд, ки аз он 6 ҳизби сиёсӣ дар парлумони кишвар намоянда доранд. Бори охир моҳи марти соли 2020 интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

**Одил НОЗИР**

## Аз нишасти матбуотӣ



**Зимни нишасти матбуотӣ вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим ба саволи хабарнигори Pressa.tj дар мавриди сохтмони ҳанӯз дар даврони шӯравӣ ба нақша гирифташудаи Роҳи оҳани Панҷакент-Самарқанд гуфт:**

"Нақшаи сохтмони ин роҳ ҳанӯз дар замони шӯравӣ мавҷуд буд. Он ҳам ба кишвари мо ва ҳам ба ҳамсояҳои мо манфиати зиёд меорад. Ҳатто тариқи он сайёҳони хориҷӣ метавонанд ба саёҳати Саразми 5500-сола биёянд. Барои оғози сохтмони роҳи мазкур танҳо як чиз намерасад, ки он ҳам маблағ аст. Мо сари ин масъала кор карда истодаем ва умед аст, ки дар оянда ин роҳ сохта хаҳад шуд".



**Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатии шаҳри Хуҷанд наздики як миллиард сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шуд. Дар ин бора раиси шаҳри Хуҷанд Фирдавс Шарифзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Ба гуфтаи ӯ, ин нишондиҳанда дар муқоиса бо ҳамин давраи соли сипаригашта 24,5 фоиз ё 178,6 миллион сомонӣ зиёд мебошд. Аз миқдори умумии маҳсулоти истеҳсолгашта 188,5 миллион сомонӣ ба хориҷи кишвар содир шуда, аз ҷониби 104 корхона маҳсулоти воридотивазкунанда ба маблағи 403,1 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардид. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли сипаригашта 33,9 миллион сомонӣ ё 9,2 фоиз зиёд аст.



**Саид Нуриддин, раиси Кумитаи телевизион ва радиои кишвар рӯзи 22-юми июл зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки соли равон аз ҷониби шабакаҳои телевизионӣ 34 барномаи консертӣ ба навор гирифта шуда, аз ҷониби дастаҳои ҳунарӣ 163 суруду оҳанг сабт ва 32 рақс саҳнавӣ гардид.**

Бахри сабти сурудҳои нав 128 матни шеърҳо барои баррасӣ ба Шӯрои таҳрир ва 34 матни шеърҳо ба ҳайати эҷодӣ ва кумитаҳои тадорукоти ҷашнҳо пешниҳод гардид. Ҳамчунин, гуфта шуд, ки бо мақсади ҷалби ҷавонони боистеъдод ба гурӯҳҳои ҳунарӣ 8 мутахассиси ҷавон ба кор ҷалб гардиданд.




NEW YORK POST

**Дар Амрико як зодаи Ӯзбекистон бо гумони ба қатл расонидани чор узви хонаводааш, аз ҷумла модари худ, ҳамсари бародар ва ду ҷиянаш муттаҳам мешавад.**

Нашрия хабар медиҳад, ки ҳодиса 19-уми июл аз тарафи зодаи 24-солаи Ӯзбекистон рух додааст. Кормандони милитсияи Ню-Йорк часади модари 56-сола, ҷиянҳои 4 ва 5-солаи гумонбар ва модари кӯдаконро дар манзили зисташон пайдо намудаанд. Гумонбар боздошт шудааст ва таҳқиқи ҳодиса идома дорад.



Tasnim

**Мақомоти Эрон рӯзи якшанбе ҳашт нафар, аз ҷумла як шаҳрванди Афғонистонро эъдом карданд.**

Коршиноси нозири ҳуқуқи башар мегӯяд, ки рӯзи 21-уми июл як афғон ва се зиндонии дигар бо ҷурми вобаста ба қочоқи моводи мухаддир дар зиндони "Қизил Ҳисор" эъдом шуданд. Ҳамчунин, ҳукми қатли чаҳор тани дигар, аз ҷумла як зан дар зиндони "Одилобод"-и Шероз анҷом шудааст. Бар асоси хабарҳо, 14 шаҳрванди Афғонистон дар 4 моҳи аввали соли равон дар Эрон эъдом шудаанд.



The Guardian

**Британиё нахустин кишваре дар Аврупо шуд, ки истеҳсол ва фурӯши гӯшти сунъиро барои истеъмоли ҳайвонҳо иҷозат дод.**

Акнун дар фурӯшгоҳҳои Британиё маҳсулоти ғизоӣ барои ҳайвонҳо аз гӯшти сунъӣ ба фурӯш мебароянд. Ширкатҳои британиёӣ тасмим доранд, ки нахустин бастаҳои ғизои ҳайвонро бо гӯшти сунъӣ дар соли равон ба фурӯш бароранд. Дар ҷаҳон беш аз 100 ширкат бо парвариши гӯшти лабораторӣ машғуланд. Аммо то ҳол танҳо Сингапур, ИМА ва Исроил фурӯши онро иҷозат дода буданд.

# ТРАМП Ё КАМАЛА?

## Интихоботи ИМА бе ҳузури Байден баргузор мешавад?

**Ҷо Байден, президенти ИМА эълон кард, ки номзадиашро дар интихоботи президентии моҳи ноябр пешбарӣ нахоҳад кард. Ӯ рӯзи 21-уми июл дар Х навишт, ки ин тасмимаш ба манфиати Ҳизби демократ ва мардуми Амрико аст.**



### Байден аз бозӣ берун шуд

Қаблан Ҷо Байдени 82-сола гуфта буд, ки дар интихобот ширкат мекунад ва Доналд Трампро шикаст хоҳад дод. Вале пас аз он, ки Байден ва Трамп рӯзи 28-уми июн дар мунозираи телевизионӣ ширкат карданд, назари демократҳо ба Байден тағйир ёфт. Пас аз мунозира ҷонибдоронаш гуфтанд, ки ӯ дар баҳс бо Трамп аз худ заъф нишон дод ва бояд истеъфо диҳад. Ҳамчунин, чанд ҳафтаи охир чеҳраҳои шинохтаи Ҳизби демократ аз ӯ хоҳиш карданд, то аз ширкат дар интихобот даст кашад. Ҳатто президенти қаблии ИМА Барак Обама, ки намояндаи Ҳизби демократ аст, гуфт, Байден набояд дар сабқати интихоботӣ ширкат намояд.

Ҷо Байден гуфтааст, ки тасмими дар интихобот иштирок накарданашро рӯзҳои наздик шарҳ хоҳад дод. "Ман то охири мухлати президентиам ба корам идома хоҳам дод",- гуфтааст Ҷо Байден.

Гуфта мешавад, ки ба ҷойи Ҷо Байден муовини ӯ Камала Ҳарис номзад ба мақоми президентӣ шавад.

### Камала Ҳарис президент мешавад?

Соли 2021 баъди ғалаба дар интихобот Ҷо Байден Камала Ҳарисро ба мақоми муовини президент баргузид. Ӯ аввалин зан дар таърихи Амрико буд, ки ба ин мақом расид. Ҳамчунин, аввалин зани сиёҳпӯст, ки волидонаш осиёӣ ҳастанд. Ҳарис он вақт гуфт: "Шояд ман аввалин зан дар ин мақом бошам, вале охирин нахоҳам буд, зеро ҳар духтараке, ки моро тамошо дорад, мебинад, ки инҷо кишвари имконот аст".

Номи Камала Ҳарис давоми ду даҳаи охир дар ИМА матраҳ шуд. Камалаи 59-сола солҳои 2011-2017 Прокурори генералии Калифорния буд. Баъдан соли 2017 вакили аёлати Калифорния дар сенат, палатаи болоии Конгресси Амрико интихоб шуд. Ду сол баъд, довталаби мақоми раисиҷумҳур шуд ва аз Ҳизби демократ вориди рақобати интихоботӣ гардид. Вале баъдан аз рақобат даст кашид ва аз Байден тарафдорӣ кард.

Камала Ҳарис дар мақоми муовини президент аввал машғули ҳалли бӯҳрони муҳоҷират шуд. Вале баъдан ба сиёсати хориҷии ИМА низ машғул шуда, ҳайати Амрикоро дар конфронси сулҳи Украина дар Швейтсария раҳбарӣ кард.

### Танишҳои Камала бо Трамп

Камала Ҳарис яке аз рақибон ва мунтақидони Доналд Трампи ҷумҳурихоҳ аст. Ҳангоми корзори интихоботӣ ва баъди он ҳам Доналд Трампро сахт танқид мекард. Ӯ дар интиқоди Трамп мегӯяд: "Касе, ки муҳоҷиронро бадном мекунад, касе, ки бегонаситезиро ривоҷ медиҳад, нафрат ва тарс бармеангезад, ҳеҷ гоҳ набояд ба микрофон ва муҳри президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико даст ёбад".

Доналд Трамп ҳам ин гуфтаҳоро бепосух намонда, дар суханрониҳои ахираш Камала Ҳарисро як сотсиалисти чапгарои тундрав номидааст.

Ҳамчунин Трамп дар яке аз мусоҳибаҳои ахираш Камала Ҳарисро ба масхара кашид: "Ҳамин ки мо Кохи Сафедро дубора ба даст меорем ва онро аз Ҷо ва Камалаи фасодзада мегирем... Оё шумо боре дидаед, ки чӣ тавр вай ханда мекунад, соқ нест",- гуфт Трамп.

Ёдовар мешавем, ки дар ИМА дар чор сол як бор интихоботи президентӣ баргузор мешавад ва як нафар танҳо ду бор ҳақи иштирок дар маъракаи интихоботиро дорад.

# МИРЗИЁЕВ ВА ҶАББОРОВ

## Аз ифтитоҳи корхонаи муштараки худравсозӣ то таъсиси Шӯрои байнидавлатӣ



**Рӯзи 18-уми июл Президенти Қирғизистон Содир Ҷабборов ва Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маросими ифтитоҳи тарҳҳои бузурги иқтисодӣ ширкат карданд. Ёдовар мешавем, ки ҳафтаи гузашта Ҷабборов ба Ӯзбекистон сафари корӣ анҷом дод.**

Тибқи иттилои хадамоти матбуоти Президенти Ӯзбекистон, аз ҷумла дар вилоятҳои Фарғона ва Наманган ду нерӯгоҳи офтобӣ бо тавоноии 400 МВт мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки барқи тавлидшудаи онҳо ба Қирғизистон интиқол дода мешавад.

Ҳамзамон дар вилояти Чуйи Қирғизистон корхонаи муштараки истеҳсоли худравҳо ба истифода дода шуд. Дар ин корхона мошинҳои сабукрави тамғаи «Кобалт», «Оникс» ва «Трекер», инчунин мошинҳои боркаш тавлид карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки раҳбарони Ӯзбекистон ва Қирғизистон Шавкат Мирзиёев ва Содир Ҷабборов дар ҷараёни музокирот дар Тошканд дар бораи таъсиси Шӯрои байнидавлатӣ дар сатҳи сарони давлатҳо ба мувофиқа расиданд.

«Дар ҷараёни музокира ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки робитаҳоро дар сатҳи парлумонҳо, ҳукуматҳо, вазорату идораҳо ва минтақаҳо, доираҳои соҳибкорӣ, коршиносон ва ҷомеа идома диҳанд. Қарор дар бораи таъсиси шӯрои байнидавлатӣ қабул шуд",- омадааст дар хабари дафтари матбуоти президенти Ӯзбекистон.

Дар баробари ин гуфта мешавад, ки бо ҳадафи зиёд намудани ҳаҷми тиҷорати мутақобила дар ду пойтахт хонаҳои савдо таъсис дода шуда, сандуқи шартномаҳои содироту воридот дар солҳои наздик ба 2 миллиард доллар расонида мешавад.

Дар идома таъкид мешавад, ки ҳаҷми маблағи лоиҳаҳои ҳамгироии саноатӣ миёни Ӯзбекистон ва Қирғизистон алакай ба 300 миллион доллар расидааст. Дар баробари ин барои амалисозии лоиҳаҳои муштарак сармояи оинномавии сандуқи сармоягузории Ӯзбекистону Қирғизистон то 200 миллион доллар зиёд карда мешавад.

Тибқи омори расмӣ дар панҷ моҳи соли ҷорӣ муомилоти тиҷоратӣ миёни ду кишвар 294,3 миллион долларро ташкил дод.

Дар ҳоли ҳозир дар Ӯзбекистон 273 корхона бо сармояи соҳибкорони қирғиз фаъолият дошта, дар Қирғизистон 70 корхона бо сармоягузории соҳибкорони Ӯзбекистон бунёд шудааст.

# МИЛИТСИЯИ САЙЁҲӢ ДАР ПОЙТАХТ

**Дар сохтори мақомоти милитсияи пойтахт шуъбачаи милитсияи сайёҳӣ ташкил карда шуд.**

Ин сохтор дар доираи дастури Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бо мақсади расонидани кумакҳои ҳуқуқӣ, роҳбаладӣ ва таъмини бехатарии сайёҳон ташкил гардидааст.

Бино ба иттилои Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, сайёҳони дохиливу хориҷӣ ҳангоми ба дилхоҳ мушкилӣ дучор гардидан метавонанд тавассути рақами 02-00 бевосита ба милитсияи сайёҳии пойтахт дар тамос шаванд.




# ТЕАТРИ МАЯКОВСКИЙ БУНЁД МЕШАВАД

**Тоҷикистону Русия дар мавриди намои бинои нави театр ба номи Владимир Маяковский, ки дар Душанбе сохта мешавад, ба мувофиқа расиданд.**

Дар ин бора муовини вазири фарҳанги кишвар Манучеҳр Шарифзода зимни нишасти матбуотии вазорат хабар дод.

Гуфта мешавад, ки дар толори он ҳудуди 500 нафарро ҷойгир карда мешавад ва таҷҳизоти он монанд ба театри Набережные Челни хоҳад буд.

Гуфта мешавад, ки бинои мазкур аз ду ошёна иборат хоҳад буд. Ошёнаи якум бо сутунҳо оро дода мешавад, ки дар байни онҳо ороишҳо бо услуби миллӣ насб карда мешаванд. Дар ошёнаи дуюм майдони калони шишагӣ ва балкон ба нақша гирифта шудааст.

Хотиррасон менамоем, ки бинои кӯҳнаи Театри драмавии русии ба номи Владимир Маяковский соли 2016 дар Душанбе таҳриб шуда буд. Ин театр феълан дар бинои Театри Лоҳутӣ фаъолият дорад.



# МУСОФИРОНРО ЗЕРИ АРАҚ НАМОНЕД...



**Имрӯзҳо на танҳо пойтахт ва қисмати ҷанубии кишвар, балки ҳатто шимоли Тоҷикистонро ҳавои гарм дар оғӯши худ нигоҳ дошта, мардумро нафастанг кардааст.**

Ин гармиҳо, мувофиқи пешгӯии ҳавошиносон, то миёнаҳои моҳи август идома меёбанд. Аммо аз гармии тобистон аз ҳама бештар мусофирони наклиёти ҷамъиятие азият мекашанд, ки ҳавосардкунак надоранд ва ё онҳо корношоям гардидаанд.

Мусофирони зери обу арақ мондаи автобусу троллейбусҳо аз гармии зиёд асабонӣ шуда, ба ронандагоне, ки худ низ аз шиддати гармо арақшоранд, эътироз мекунанд, ки онҳо гӯё ба хотири сарфа намудани сӯзишворӣ кондитсионерҳои худро фаъол намекунанд.

Ин суханони мусофирон то кадом андоза ҳақ аст, гуфта наметавонем, аммо саволи мазкурро дар нишасти матбуотӣ ба вазири нақлиёти кишвар мӯҳтарам Азим Иброҳим додем.

Вазир гуфт, солҳои пеш мардум ҳатто орзуи онро доштанд, ки ақаллан нақлиёте пайдо карда, аз як гӯшаи шаҳр ба қисмати дигари он раванд. Ҳоло бошад, сокинон ва меҳмонони пойтахт талаби онро мекунанд, ки нақлиёти шаҳрӣ бо ҳавосардкунакҳо таъмин бошад ва ин чиз сатҳи пешравии зиндагии мардумро нишон медиҳад.

Бо вазир сари ин масъала ҳамфикрем, аммо чаро то имрӯз автобусу троллейбусҳои наппа-наве, ки бо ташаббуси Раиси шаҳр Рустами Эмомалӣ ба мардум хизмат мерасонанд, дар фасли гармо мусофирони худро бо муҳити мувофиқ таъмин карда наметавонанд? Албатта, на ҳамаи онҳо ҳавосардкунакҳои худро дар ин рӯзҳои гарм хомӯш мекунанд, аммо агар ин кор дар фасли тобистон ба ҳукми анъана медаромад ва ҳамаи мусофирбарҳо бо таҷҳизоти ҳавосардкунӣ таъмин мешуданд, кори савобе мешуд. Махсусан микроавтобусҳо (спринтерҳо) бояд ҳавосардкунак насб кунанд, зеро аксари онҳо аз чунин "хизматрасонӣ" даст кашидаанд.

Вазири нақлиёт дар ҳузури рӯзноманигорон ба Раёсати нақлиёти мусофирбар супориш дод, ки то ҷое имконият дорад, ронандагони нақлиёти шаҳрӣ бояд аз ҳавосардкунакҳо истифода баранд. Интизорем, ки ин имкониятҳо хеле бештару бехтар хоҳанд шуд ва мусофирони нақлиёти ҷамъиятӣ дигар зери обу арақ намемонанд...

**А. АҲМАДЗОДА**

## Аз нишасти матбуотӣ



**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Эмомалӣ Насриддинзода қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»-ро шарҳ дод.**

Ӯ 23-юми июл зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки қонуни мазкур минбаъд дар рушду пешрафти ДМТ нақши муҳим дорад. Ба таъкиди ректор, таҷрибаи қабули чунин қонун дар фаъолияти муассисаҳои олии хориҷи Аврупо ва Қазоқистон низ вуҷуд дорад. Гуфта шуд, ки қонуни мазкур 20-уми июни соли равон аз ҷониби вакилони Парлумони кишвар қабул гардид. Ин қонун аз 3 боб ва 14 модда иборат аст.



**Дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ факултети нав таъсис ёфт.**

Ректори донишгоҳ, профессор Кудрат Давлатзода зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки факултети нав - факултети технологияи химиявӣ ва металлургия дар заминаи дастури Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо аҳли илму маорифи кишвар, ки 30-юми майи соли 2024 баргузор гардид, таъсис дода шудааст. Факултети нав дар ҳайати 4 кафедра, 9 ихтисос ташкил ёфт.



**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон бо 14 ташкилоти байналмилалӣ ва 32 муассисаи таҳсилоти олии касбии хориҷӣ ҳамкорӣ дорад.**

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ Ректори Академияи идоракунии давлатӣ Даврон Сафарзода иттилоъ дод. Зикр гардид, ки Академия барномаи табодули академиро бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Русия ва Қазоқистон ба роҳ мондааст. Моҳи феврали соли равон дар доираи ин барнома 23 нафар донишҷӯ ба муассисаҳои олии касбии хориҷӣ сафарбар гардидаанд.




# МАСЪУЛИЯТШИНОСӢ ВА ОДАМИЯТИ БАЛАНД

## Ҷанбаҳое, ки дар фаъолияти IRS меҳваранд

**Замоне ки филиали Ширкати «Инновейтив Роуд Солюшнз» (IRS) дар Тоҷикистон дар асоси шартномаи консесионӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳдории шоҳроҳи Душанбе-Хуҷанд-Чанокҷо ба уҳда гирифт, буданд нафароне, ки норозигӣ мекарданд. Зеро барои гузариши автомобилҳо вобаста ба категорияашон маблағ ситонида мешуд ва мардум гумон мекарданд, ки он ба болоравии роҳкиро сабаб мегардад.**

Албатта, ин як раванди табиӣ буд, зеро он вақт ҳанӯз моҳияти пулакӣ шудани роҳро мардум хуб дарк накарда буданд. Хушбахтона, бо гузашти вақт сафи норозиён на танҳо коста гардид, балки қариб аз байн рафт.

Мухимтар аз ҳама, пулакӣ шудани роҳ роҳкироро на афзоиш, балки коҳиш дод. Бо роҳкирое, ки имрӯз ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд сафар мекунед, пеш аз «пулакӣ» шудани роҳ сафар кардан ғайриимкон буд.

15 сол инҷониб роҳи мазкур баъд аз таҷдид мавриди истифода аст ва мусаллам аст, ки дар ин муддат он таъмирталаб шудааст. Аз ин рӯ, агар ширкат фаслҳои зимистону баҳор ба тоза кардани роҳ аз тармаву селовардаҳо машғул шавад, пас фасли гармо таъмири он масъалаи меҳварист. Имрӯзҳо агар аз ин роҳ гузар намоед, дар ҳар қитъа кормандони ширкатро машғули таъмиру тармим мебинед.

Дар баробари нигаҳдории роҳ, Ширкат ҳамчунин корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии худро дорад. Корхонаҳои куму сангреза ва истеҳсоли асфалт бо сармоягузории Ширкат таъсис ёфтаву алҳон фаъолияти пурмаҳсул доранд.

Техникаву механизмҳои филиали Ширкат, ки теъдодашон 228 ададро ташкил медиҳад, роҳсозии замонавии Ширкат имкон фароҳам овардаанд, ки мушкилоти дар роҳ бавуҷудомада дар муддати кӯтоҳ бартараф карда шавад. Дар давоми чанд соли охир бо вуҷуди лағжиши кӯҳпора ва фаромадани тармаҳои бузург баста нашудани роҳ дар муқоиса ба солҳои пеш қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоиш аст.

Худ қазоват кунед, ки барои нигаҳдории 86,996 километр роҳ (манзур намояндагии филиали Ширкат дар минтақаи Зарафшон аст) 51 техникаву механизми роҳсозӣ сафарбар шудааст. Аммо дар мувозинаи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои ноҳияи Айнӣ ҳамагӣ чанд техника мавҷуд аст, ки дар давоми сол шояд ҳамагӣ се-чор маротиба истифода мешаванду халос ба боқимондаи рӯзҳо, бинобар набудани сӯзишворӣ, дар канори роҳ «хоб» мекунанд.

Аз ин ҷост, ки роҳҳои дар тавозуни муассисаи мазкур буда хароб буда, умуман ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Чунин тарзи корро дида, мардум аз фаъолияти филиали Ширкати IRS дар Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ мекунанд, зеро бо чунин фаъолияти Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои ноҳияи Айнӣ шояд шоҳроҳи байналмилалии зикршуда кайҳо хароб мегардид...

Дар баробари тоза нигоҳ доштани роҳ, Ширкат ҳамчунин нисбат ба автомобилҳои дар роҳ дармонда ва ба садама дучоршуда низ бетаваҷҷуҳ нест. Хусусан, ҳангоми ба садама дучор шудан бо истифода аз техникаҳои махсус хатман онро ба макони лозимӣ мерасонанд. Қоиз ба зикр аст, ки чунин корро ҳар сол кормандони Ширкат садҳо маротиба иҷро мекунанд.

Дар муддати 15 сол IRS ҳамчун сармоягузор тамоми кӯшишро ба харҷ дод, то ҳолати роҳи Душанбе - Чанок ҷавобгӯи талабот бошад. Афсӯс, ки баъзан эроду нигаронии беасос доир ба масъалаи мавриди назар ҷолибияти сармоягузорӣ дар мамлакатро то андозае коста мегардонад. Ҳол он ки, мо бояд сармоягузоронро ҳамчун сафирон барои ҷалби сармояи бештар ба мамлакат ва дар ин замина, таъмини рушди соҳаҳо ҷалб ва арҷгузорӣ намоем.

*Вокуниш-622*

# ҚАРОР БЕТАҒЙИР МОНОНДА ШУД

**Суди Олӣ ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии ВАО» муроҷиати шаҳрванд Насриддинов Ж. А.-ро, ки дар рӯзномаи «Тоҷикистон», №18 (1581), аз 1-уми майи соли 2024 тахти сарлавҳаи "Додамро ба кӣ гӯям?" нашр шудааст, дар якҷоягӣ бо маводи парвандаи маданӣ мавриди омӯзиш қарор дод.**



Муайян гардид, ки Насридинов Ж. А. ба суд бо даъвои болозикр муроҷиат намуда, онро чунин асоснок кардааст, ки ба ӯ ҳамчун иштирокчии ҷанги Афғонистон аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода дар асоси ордери №001754 аз 23-юми декабри соли 1982 манзили истиқоматии духуҷрагӣ, воқеъ дар шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 2, бинои 17, хонаи 15 дода шудааст. Дар ин давра, хонаи ӯро тибқи фармони ғайриқонунии роҳбарияти ЧСК "Ширкати алюминийи тоҷик" аз 10-уми апрели соли 1993 ба Северина Т. В. фурӯхтаанд.

Сипас, ин манзили истиқоматӣ якчанд маротиба мавриди хариду фурӯш қарор гирифта, бори охир 15-уми декабри соли 2010 байни Нарзикулова Ш. А. ва Ҳасанова З. А. шартномаи хариду фурӯш баста шудааст. Насриддинов Ж. А. Оид ба ин ҳолат соли 2008 хабардор шуда, аз он вақт то инҷониб ба мақомоти гуногун муроҷиат намуда, солҳои 2019-2020 фаҳмидааст, ки барои барқарор намудани ҳуқуқҳои манзилиаш бояд ба суд муроҷиат намояд. Аз ин рӯ, чунин мехисобад, ки мухлати даъворо бо сабабҳои узрнок гузаронидааст.

Аз суд хоҳиш намудааст, ки қисми дуюми банди 16-и Фармони ЧСК "Ширкати алюминийи тоҷик" аз 23-юми феврали соли 1993, шартномаҳои хариду фурӯши манзили истиқоматии дар боло номбурда беэътибор дониста, манзили истиқоматӣ аз Ҳасанова З. А. талаб карда гирифта, ба соҳибият, ихтиёрдорӣ ва истифодабарии ӯ дода шуда, Ҳасанова З. А. бо аҳли оилааш аз ин манзил кӯчонида шаванд.

Дар навбати худ ЧСК "Ширкати алюминийи тоҷик" ва Ҳасанова З. А. Оид ба татбиқи мухлати даъво ба суд бо ариза муроҷиат намуда, хоҳиш кардаанд, ки нисбат ба талаботи даъвогии Насриддинов Ж. мухлати даъво татбиқ ва даъво рад карда шавад.

Бо ҳалномаи Суди шаҳри Турсунзода аз 14-уми сентябри соли 2022 даъвои Насриддинов Ж. А. рад карда, аризаи ЧСК "Ширкати алюминийи тоҷик" ва Ҳасанова З. А. дар бораи татбиқ намудани мухлати даъво қонеъ карда шудааст.

Бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олӣ аз 12-уми апрели соли 2023 ҳалномаи болозикршуда бетағйир ва шикояти кассатсионии Насриддинов Ж. А. беқаноат мононда шудаанд.

Мутобиқи талаботи моддаи 58 Кодекси мурофиавии мадании ҶТ ҳар яке аз тарафҳо уҳдадоранд он ҳолатҳоеро исбот кунанд, ки ҳамчун асоси талабот ва норозигии худ ҳангоми аз ҷониби тарафи дигар мавриди баҳс қарор гирифтани ин ҳолат ба он истинод менамоянд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Тарафе, ки уҳдадории худро оид ба исботи ягон ҳолат иҷро намекунад, оқибати ногувори исбот накардани ин ҳолатҳоро ба зимма дорад.

Чуноне аз маводи парванда бармеояд, Насридинов Ж. А. ҷиҳати тасдиқи ҳолати бо сабабҳои узрнок гузаронидани мухлати даъво ба суд ягон далел пешниҳод накардааст.

Аз ин лиҳоз, суди марҳилаи якум даъвои Насридинов Ж. А.-ро бо сабаби гузаронидани мухлати даъво асоснок рад намуда, суди марҳилаи кассатсионӣ ҳалномаро бо ҳамин асос бетағйир гузоштааст.

Ҳамин тариқ, ҷиҳати бекор кардан ва ё тағйир додани қарорҳои судӣ асос мавҷуд намебошад.

**Ш. ЛУТФУЛЛОЗОДА,**
**муовини якуми раиси Суди Олии Тоҷикистон**

# "АКСИКОН" БА БОЗСОЗӢ НИЁЗ ДОРАД!



**Табобатгоҳи "Аксикон" дар ноҳияи Ашт воқеъ аст, ки онро "Шӯркӯл" ҳам мегӯянд. Дар ин ҷо фаслҳои зимистон ва баҳор миёни кӯҳи намак кӯлҳои сунъӣ пайдо шудаанд, ки аз лойқаю намак иборатанд, ки барои табобати бисёр бемориҳо тавсия мешаванд.**

Вале ин табобатгоҳ аз мадди назари ҳукумати ноҳияву вилоят ва Вазорати тандурустӣ дар канор мондааст. Онро муддати чанд сол аст, ки соҳибкорони маҳаллӣ "шахсӣ" мекунанд, аммо обод карда наметавонанд.

Ҳамин аст, ки ҳамасола дар фасли тобистон ҳазорҳо одамони дардманд ба ин ҷо омада, дар шароити ноҳубу бад табобат мегиранд.

Беморон бо тани нимӯрён дар замини шӯразадаи соҳил хоб мекунанд ва лойкашҳо бо каландашон аз сар то по зери лой мегӯронанд. Бемор бояд аз рӯйи гуфтаи табибон муддати 10-12 дақиқа зери он бихобад. Вале вақте аз зери лой мехезад, шароити шустушӯ мавҷуд нест. Инҷо на сарпаноҳе ҳасту на ҷойи нишаста истироҳат кардан.

Ошхонаи табобатгоҳ низ ба талабот ҷавобгӯй нест.

Ҳолати беҳдоштӣ дар ҳудуди "Аксикон" риоя карда намешавад. Хуҷраҳои хоб сенафарию чорнафарӣ буда, ба талабот ҷавобгӯй нестанд. На яхдон доранд, на телевизор ва на ҷойи либоскашӣ.

Бинобар ин, пешниҳод мекунам, ки "Аксикон" бозсозӣ карда шавад. Дар сурати бозсозӣ ва ба шароити муосир ҷавобгӯй намудан он ба яке аз беҳтарин дармонгоҳҳои минтақа табдил хоҳад ёфт.

**Э. КОМИЛЗОДА,**
**собиқадори меҳнат**

# ҒОРАТИ ҚАБРИСТОН

## Кӣ ба мазори бузургон дастдарозӣ мекунад?




**Давоми як моҳи охир гурӯҳи номаълум аз Оромгоҳи русҳои шаҳри Душанбе панҷараҳои оҳаниву чӯянии атрофи қабрҳоро ба яғмо мебаранд. Аз ҷумла, ин нафарон ба мазори шахсиятҳои маъруф низ дастдарозӣ намудаанд.**



### Дастдарозӣ ба мазори бузургон

Муаррихи тоҷик Ғафур Шерматов, ки гурӯҳи ихтиёриёни “Хотира 201”-ро раҳбарӣ мекунад ва ба тармиму азнавсозии қабри шахсиятҳои маъруфи Тоҷикистони Шӯравӣ машғул аст, дар ин маврид бонги изтироб мезанад.



Ғафур Шерматов мегӯяд, ки шаби 22-юми июн қабри академик Александр Семёнов мавриди дастдарозӣ қарор гирифтааст. “Панҷараи чӯяние, ки аз соли 1958 ба ин ҷониб атрофи қабрро иҳота мекард ва беш аз 50 кг вазн дошт, рабуда шудааст”,- мегӯяд номбурда.

Ёдовар мешавем, ки академик Александр Александрович Семёнов ташкилкунанда ва аввалин директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи улуми Тоҷикистон аст.

“Академик Семёнов яке аз беҳтарин донандагони таърихи халқи тоҷик буд. Вай беҳтарин давраҳои умри хешро дар Тоҷикистон сипарӣ намуд. Гарчанде дар Тошканд вафот кард, тибқи васияташ ӯро дар Душанбе ба хок супориданд”,- мегӯяд Ғафур Шерматов.

Ҳамчунин, ин шабу рӯзҳо панҷараи қабри Леонид Федорович Парадоксов, яке аз аввалин табибони Тоҷикистони Шӯравӣ низ рабуда шудааст.

Леонид Федорович Парадоксов (1890-1954), доктори илми тиб, профессор, узви вобастаи АМИТ соли 1925 бо даъвати Комиссариати халқии тандурустии Тоҷикистон ба Душанбе меояд ва аввалин бемористони чашмро боз мекунад. Ӯ ҳамчунин дар рушди илми тиб дар Тоҷикистон нақши мондагор гузошта, доир ба бемориҳои чашм ва табобати онҳо беш аз 50 асари илмӣ таълиф кардааст.

Қабри дигаре, ки дар ин авохир зарар дид, аз Борис Бибиков аст. Борис Бибиков устоди ҳунари театрӣ ва муаллими ҳунармандони машҳури тоҷик Ҳошим Гадоев, Марям Исоева, Тамара Абдушукурова, Ҳабибулло Абдураззоқов, Раҷабгул Қосимова, Гулсара Абдуллоева, Исфандиёр Ғуломов ва дигарон мебошад.

“Ин бори аввал нест, ки панҷараи қабри Бибиков рабуда мешавад. Алакай 3 маротиба собиқ вазири фарҳанги Тоҷикистон Тамара Махсумовна Абдушукурова бо ёрмандии шогирдонаш мазори Бибиковро таъмир намуданд”,- мегӯяд Шерматов.

### Оромгоҳи фаромӯшшуда

Зикр кардан бамаврид аст, ки ин дуздии аввалин дар оромгоҳи русҳои Душанбе нест. Қаблан низ панҷараи атрофи мазорҳо, харакҳо ва ҳатто барелефи болои қабрҳо аз ҷониби ашхоси номаълум рабуда мешуданд. Ҳолати дуздӣ асосан солҳои 90-ум ва аввали 2000-ум зиёд шуда буд. Дуздҳо панҷараву харакҳоро ба яғмо бурда, мефурӯшанд.



Ёдовар мешавем, ки дар Оромгоҳи марказии Душанбе, ки ҳоло чун Қабристони русҳо маъруф аст, аз оғози асри XX то ба имрӯз наздик ба 1,5 миллион нафар дафн шудаанд, ки аксари он русҳо мебошанд. Дар замони Шӯравӣ дар ин оромгоҳ ходимони давлативу ҷамъиятӣ аз ҳисоби дигар миллатҳо, аз ҷумла тоҷикон низ дафн шудаанд. То пайдо шудани Оромгоҳи Лучоб аксари шахсиятҳои маъруфи Тоҷикистон дар ин оромгоҳ ба хок супорида шудаанд. Вале баъди фурӯпошии Шӯравӣ ва рафтани русҳо аз Тоҷикистон қабристони мазкур бидуни назорат монд. Аксари қабрҳо валангор шуданд. Қисми зиёди кабристонро анбӯҳи дарахтон пахш намуда, як қисмати он ҷангали касногузарро мемонад.

Чанд соли охир ихтиёриёни “Хотира 201” бо роҳбарии Ғафур Шерматов ва дастгирии Сафорати Русияву Пойгоҳи низомии 201-ум бархе аз мазорҳои ин кабристонро тармиму бозсозӣ намуданд.

### Назорат бояд пурзӯр шавад

Яке аз сабабҳои дастдарозӣ ба Оромгоҳи русҳо беназоратии он гуфта мешавад. Масъули ҳифз ва нигоҳубини ин оромгоҳ феълан ягон ниҳоди давлатӣ нест. Наталия Дроздова, ки пайвандонаш дар ин оромгоҳ дафн шудаанд, мегӯяд, ки бояд мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷинояткоронро пайдо кунанд. “Агар ҷинояткорон пайдо ва муҷозот нашаванд, ҳолати дуздӣ зиёд хоҳад шуд”,- мегӯяд ӯ.

Марҳабо Зунунова, як сокини пойтахт пешниҳод мекунад, ки дар дохили кабристон ва атрофи он камераҳои назоратӣ гузошта шаванд.

### Қонуни нав барои ҳифзи мазорҳо

Тайи чанд соли охир дар Тоҷикистон даҳҳо ҳолати тахриб кардану осеб расонидан ба мазорҳо ба қайд гирифта шудаву расонаӣ ҳам гардидааст. Ҳамин аст, ки ахиран ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Тоҷикистон банде илова гардид, ки бар асоси он тахрибкунандагони санги мазорҳо муҷозот хоҳанд шуд. Тибқи қисми 2-юми моддаи 90-и Кодекси мазкур ба волидони кӯдаконе, ки санги болои қабрҳоро мешикананд ё зарар мерасонанд, то наздики 1,5 ҳазор сомонӣ ҷарима таъйин мегардад. Агар ин амалро шаҳрвандони болои синни 18 анҷом диҳанд, то 36 ҳазор сомонӣ ҷарима мешаванд ва ё то 3 сол аз озодӣ маҳрум мегарданд.

Умед аст, ки нафароне, ки ба қабри бузургон дар Оромгоҳи русҳои Душанбе даст доранд, низ боздошт ва муҷозот хоҳанд шуд.

**О. НОЗИР**

## Аз нишасти матбуотӣ



**Дар шаш моҳи аввали соли равон 30 омӯзгори муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон бо замини наздиҳавлигӣ, полезӣ ва қарзи имтиёзнок таъмин шуданд.**

Дар ин бора Зиёдулло Абдулзода, сардори Раёсати маориф дар вилояти Хатлон зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод. Ба таъкиди вай, аз соли 2007 то имрӯз ба 2 ҳазору 238 омӯзгори муассисаҳои таълимӣ замин барои бунёди хонаи истиқоматӣ ва ба беш аз 750 омӯзгор қарзи имтиёзнок дода шудааст. “190 омӯзгори хоҳишманд бо замин барои таъсис додани хоҷагии деҳқонӣ таъмин шудаанд”,- афзуд номбурда.



**Муовини Прокурори вилояти Хатлон Ҳамзаалӣ Музофирзода зимни нишасти матбуотии рӯзи 23-юми июл изҳор намуд, ки мурофиаи парвандаи таркиши мошини раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) дар шаҳри Кӯлоб Салим Сайвализода моҳи август ба охир мерасад.**

Ба гуфти прокурор, аз рӯи ин парванда 9 нафар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд. “Ҳамаи онҳо ба гуноҳашон иқрор шуда, изҳори пушаймонӣ карданд. Аз 9 нафари айбдоршаванда 8 нафар мард ва 1 нафарашон зан мебошанд. Роҳбари гурӯҳ - Маҷидзода бо ҳамсараш парчами “Давлати исломӣ”-ро дӯхта, бо дигар аъзои гурӯҳ ҳамкорӣ мекард”,- гуфт номбурда.



**Дар назар аст, ки дар маркази маъмурии вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар беморхонаи махсус барои беморони қалб сохта шавад. Ин ҳам дар ҳолест, ки ҳанӯз дар минтақаи Бохтар беморхонаи махсус вуҷуд надорад.**

Ҷурабек Саидов, муовини сардори Раёсати тандурустӣ дар вилояти Хатлон имрӯз, 22-юми июли соли равон дар нишасти хабарӣ гуфт, ки барои сохтмони беморхона мавзеъ муайян шудааст. Ӯ афзуд, ки чанд лоиҳа ҳам барои сохтмони бинои алоҳида пешниҳод шудааст. Ба таъкиди вай, то охири сол шояд корҳои сохтмонӣ оғоз шаванд.

# РУБЛИ РАҚАМӢ

## Пешрафти технологияи молиявӣ ва таъсири он ба муҳоҷирони меҳнатӣ

**Русия ташаббуси ҷорӣ намудани рубли рақамиро оғоз намуд. Ин як шакли нави пули миллии электронӣ аст. Ин иқдом бо мақсади афзоиши самаранокӣ, шаффофият ва амнияти низоми молиявӣ, инчунин кам кардани хароҷоти муомилот роҳандозӣ шудааст. Рубли рақамӣ дорои хусусиятҳои хоси худ буда, барои истифодабарандагон ва низоми молиявӣ бисёр афзалиятҳо дорад. Дар ин матлаб мо ба таври муфассал ба хусусиятҳои рубли рақамӣ ва таъсири он ба муҳоҷирони меҳнатӣ, ки пули худро ба Тоҷикистон интиқол медиҳанд, назар хоҳем кард.**



### Хусусиятҳои рубли рақамӣ

Рубли рақамӣ аз ҷониби Бонки марказии Русия назорат ва идора мешавад, ки ин баёнгари шаффофият ва амнияти баланд мебошад. Дар зер баъзе аз хусусиятҳои муҳимтарини рубли рақамӣ оварда шудаанд:

**1.** Идоракунии марказӣ. Рубли рақамӣ як воҳиди пули электронист, ки аз ҷониби Бонки марказии Русия назорат мешавад. Ин тасмим имкон медиҳад, ки тамоми муомилоти молиявӣ бештар шаффоф ва амн бошад.

**2.** Муомилоти электронии зуд. Истифодаи рубли рақамӣ муомилоти зуд ва бе таваққуфро таъмин менамояд, ки барои истифодабарандагон хеле қулай аст. Ин махсусан дар замони пешрафти технологияҳои мобилӣ ва интернет аҳамияти зиёд дорад.

**3.** Интегратсия бо низомҳои молиявӣ. Рубли рақамӣ метавонад бо дигар низомҳои молиявӣ ва пардохтии дохилӣ ва байналмилалӣ интегратсия шавад, ки ин имкони пардохтҳои байналмилалиро низ осон мегардонад.

### Муҳоҷирони меҳнатӣ ва интиқоли пул ба Тоҷикистон

Муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар Русия кор мекунанд, метавонанд аз рубли рақамӣ барои интиқоли пули худ ба Тоҷикистон истифода баранд. Ин навоварӣ метавонад чандин афзалиятхо дошта бошад:

**1.** Барномаҳои мобилӣ ва ҳамёнҳои рақамӣ. Мухоҷирони меҳнатӣ метавонанд бо осонӣ тавассути барномаҳои мобилӣ ва ҳамёнҳои рақамӣ пулро ба ҳисобҳои худ ё наздиконашон дар Тоҷикистон интиқол диҳанд. Барномаҳои мобилии махсус имкон медиҳанд, ки пул ба таври фаврӣ ва амн интиқол дода шавад.

**2.** Бонкҳои шарик ва низомҳои пардохт. Бонкҳои Тоҷикистон ва низомҳои пардохт метавонанд бо Бонки марказии Русия ҳамкорӣ кунанд ва интиқоли рубли рақамиро тавассути филиалҳои худ ё барномаҳои мобилӣ таъмин намоянд. Ин ҳамкорӣ имкони интиқоли зуд ва бо хароҷоти камро фароҳам меорад.

**3.** Хароҷоти кам. Истифодаи рубли рақамӣ метавонад хароҷоти интиқолро кам кунад, зеро он тавассути низомҳои электронии мустақим амалӣ мешавад ва миёнаравҳои зиёдро талаб намекунад. Ин метавонад ба муҳоҷирони меҳнатӣ имкон диҳад, ки маблағи бештарро ба Тоҷикистон интиқол диҳанд.

### Қадамҳои зарурӣ барои муҳоҷирон

*Барои истифодаи самараноки рубли рақамӣ муҳоҷирони меҳнатӣ бояд қадамҳои зеринро андешанд:*

**1.** Насби барномаҳои мобилӣ. Муҳоҷирон бояд барномаҳои мобилии дахлдорро насб кунанд, ки имконияти кор бо рубли рақамиро доранд. Ин барномаҳо ба онҳо имкон медиҳанд, ки пулро зуд ва амн интиқол диҳанд.

**2.** Ҳисобҳои махсус. Шояд зарур бошад, ки муҳоҷирон дар бонкҳои Русия ё Тоҷикистон ҳисобҳои махсуси рубли рақамӣ кушоянд. Ин ҳисобҳо ба онҳо имкон медиҳанд, ки маблағҳои худро бе ягон мушкилот идора кунанд.

**3.** Муомилот бо ҳамёни рақамӣ. Истифода аз ҳамёнҳои рақамӣ ва барномаҳои пардохт ба муҳоҷирон имкон медиҳад, ки бо осонӣ ва амн пулро интиқол диҳанд. Ин навъи асбобҳои молиявӣ муомилоти молиявиро босамар ва осон мегардонанд.

### Хулоса

Рубли рақамӣ метавонад низоми пардохт ва интиқоли пулро барои муҳоҷирони меҳнатӣ хеле осон ва дастрас кунад. Технологияҳои нав баёнгари пешрафт ва инноватсия дар соҳаи молиявӣ буда, барои беҳтар кардани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум кумак мерасонанд. Барои муҳоҷирони меҳнатӣ ин навоварӣ имконият медиҳад, ки бо хароҷоти камтар ва дар муддати кӯтоҳ маблағҳои худро ба Тоҷикистон интиқол диҳанд, ки дар навбати худ ба беҳтар гардидани вазъи иқтисодии оилаҳояшон мусоидат мекунад.




# ҚАРЗДОРОНИ БУЗУРГ

## Бонки Ҷаҳонӣ онҳоро номбар кард

**Бонки Ҷаҳонӣ дар «Маърӯза оид ба иқтисоди Тоҷикистон" (тобистони соли 2024), ки ахиран дар пойгоҳаш нашр намуд, корхонаҳоеро номбар кард, ки қарзҳои азим доранд ва ба гуфти ин ниҳод, ба иқтисодиёти кишвар хатар эҷод мекунанд.**

Гуфта мешавад, ки аксари ин корхонаҳо бо шарикии давлат фаъолият мекунанд ва зери назорати Вазорати молияи кишвар ҳастанд. Теъдоди чунин корхонаҳо 27 адад гуфта мешавад. Қарзи умумии ин 27 корхона дар аввали соли 2024 ба 60,8 млрд сомонӣ (зиёда аз 5,5 млрд доллар) расидааст. Ин нишондиҳанда, мувофиқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, ба 46,5% ММД-и соли гузашта баробар аст.

Тибқи навиштаи ин ҳисобот, бузургтарин қарздор ҶСК "Барқи Тоҷик" аст. Қарзи умумии ин корхона бо назардошти қарзҳо барои лоиҳаҳои энергетикӣ беш аз 37,4 млрд сомонӣ (тақрибан 3,4 млрд доллар)-ро ташкил медиҳад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки пас аз бозсозии сохтори ШСХК "Барқи Тоҷик" ду ширкати мустақил таъсис дода шуданд: ҶСК "Шабакаҳои интиқоли барқ" ва ҶСК "Шабакаҳои тақсимоти барқ", ки мутаносибан ба интиқол ва тақсими неруи барқ ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ машғуланд. Ҳамаи қарзҳои ҷамъшудаи пешинаи холдинг дар тавозуни акнун ҶСК "Барқи Тоҷик", ки баъди бозсозии сохтор танҳо ба истеҳсоли неруи барқ машғул аст, боқӣ монданд.

ҶСК "НБО Роғун" дуюмин қарздори калон арзёбӣ мешавад. Феълан қарзи ин ширкат ба 9,3 млрд сомонӣ (тақрибан 850 млн доллар) баробар аст.

Миёни дигар қарздорони нисбатан бузург дар гузориши Бонки Ҷаҳонӣ ҶСК "Ширкати алюминийи тоҷик", КВД "Роҳи оҳани Тоҷикистон" ва ҶСК "Тоҷиктрансгаз" зикр шудаанд, ки дар охири соли 2023 қарзи умумии онҳо 2,3 млрд сомонӣ (худуди 210 млн доллар)-ро ташкил медиҳад.

**Ҳамчунин корхонаҳои зерин дар рӯйхати қарздорон зикр шудаанд:**

- ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе»
- ҶСК «Тоҷик Эйр»
- КВД «Тоҷикаэронавигатсия»
- ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд»
- ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб»
- КВД «Ангишти Тоҷик»
- «Алюмин Сохтмон»
- КВД «Сементи Тоҷик»
- ҶСК «Телерадиоком»
- КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»
- КВД «Тоҷиксуғурта»
- КВД «Обу корези Хуҷанд»
- КВД «Бақайдгирии амволи ғайриманқул ва моликият»
- КВД «Обу корези Душанбе»
- БДА «Амонатбонк»
- ҶСШК «Тоҷикхимпром»
- ҶСК «Тоҷиктелеком»
- КМ «Апрелевка»
- ҶСК «НБО Сангтӯда-1»
- КВД БССТ «Саноатсодиротбонк»
- КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон»
- КМ «Зарафшон»

**Таҳияи
Д. ҚОДИРПУР**

# АЛӮ НЕ, САЛОМ ГӮЙ!

## Вақте ба забони модарӣ арҷ намегузоранд…



- Ассалом, Самирачон!

- Здрасти, тётя Мавлуда!

- Здрасти нагӯй, ассалом гӯй, ту тоҷик-ку!

Самира, набераи хохарам, толибаи мактаби миёна, чизе ҷавоб надода, дарҳол гӯширо ба бибиаш медиҳад. Ба хоҳарам ёдрас мекунам, ки наберахояш бояд аввало забони модариашро донанд, баъд забони бегонаро.

Бибиам аз хурдӣ ба мо мегуфтанд: "Сахар аз хоб хестӣ, аввал рафта дасту рӯята шӯй, сонӣ омада калоноба "ассалом" гӯй. Телефон занг занад, бардошта "алӯ" нагӯй. Даррав "ассалом" гӯй".

Суханони бибиам то ҳол дар гӯшам садо медиханд. Гӯшӣ занг занад, дар болояш номи касе набошад, аз ман бузургтар ва ё ба солҳо хурдтар, дарҳол аввалин шуда "ассалом" мегӯям. Интизор намешавам, ки шахси зангзада кай ба ман салом медиҳад. Ин як мактаби одоби бибиам буд, ки ба ҳамешагӣ дар дилу забонам нақш бастааст.

Умуман, аз калимаи ба назарам бемехри кӯтоҳшудаи "салом", ба ман "ассалом" бештар писанд аст. Фикр мекунам, ки "ассалом", ки онро бибиам ба даҳони мо гузошта буданд, аз "салом" дида даҳчанду садчанд аз тахти дилу бо меҳру муҳаббат ба забон гирифта мешавад.

Ин, албатта, назари ман аст. Ба ҳар ҳол, "салом" аз "здрастию" "привету" дигару дигар, ки имрӯз на танҳо ҷавонон, балки калонсолон низ истифода мебаранд, ҳазорҳо маротиба дурусттар ва ба гӯш форамтар аст.

... Дар мактаби миёна муаллимаи забон ва адабиёти хубе доштем. Муаллимаамон Сайфуллоева Наҷафбегим зодаи Бадахшон буданд. Он қадар мавзӯро ҷолиб мефаҳмонданд, ки адабиёт фанни дӯстдоштаи мо буд. Қариб ҳар ҳафта ё иншо менавиштем ё нақли хаттӣ. Сахтгир буданд ва он ҳам ба фоидаи мо буд.

Дар мактаби №76 -и пойтахт, ки онро хатм намудам, чор синфи русӣ буду танҳо як синфи тоҷикӣ. Мудири мактаб ва ҷонишинҳояш ҳама рус буданд. Тамоми чорабиниҳо ба забони русӣ мегузашт. Дар долону саҳни мактаб ҳама бо забони русӣ муошират мекарданд.

Ҳангоми танаффус аз баландгӯяк сурудҳо низ ба забони русӣ шунида мешуд. Фикр мекардам, ки агар ягон ҳайвони безабонро дар саҳни мактаб баста монанд, шояд пас аз чанд муддате ба забони русӣ сухан мекард.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, бо кӯшишу талоши муаллимаамон, талабагони синфи мо забони модарӣ ва адабиётро хуб медонистанд. Духтарони синфи мо, агарчи русиро хуб донанд ҳам, ҳеҷ гоҳ ҷуръат намекарданд, ки дар ҳузури муаллима ба забони русӣ ҳарф зананд.

Дар хонаамон калонсолон бо мо танҳо ба забони модарӣ муошират мекарданд. Ба хаёламон ҳам намеомад, ки бо аҳли хонаводаамон ғайри забонӣ модарӣ ба дигар забон суҳбат кунем.

Он солҳо, солҳои 80-и асри гузашта, аксар аҳолии таҳҷоии шаҳр ба забони русӣ ҳарф мезад. Мардум фарзандонашонро ба мактабҳои русӣ медоданд. Ёд дорам, духтарону ҷавонони шаҳрӣ дар як ҷумла калимаҳои русию тоҷикиро омехта мекарданд. Бо ҳамкурсу дугонаҳоямон айнан ҳамин тавр суҳбат мекардем.

Дугонаҳои тоҷике доштам, ки ба модарашон "мама" гуфта муроҷиат мекарданд. Мӯд шуда буд, ки фарзандон модарашонро "мамачон" меномиданд. Ҳайрон мешудам, ки дар забони тоҷикӣ шакли зиёди ин вожа ҳаст - аз "модари" адабӣ сар карда то "бувaю нанаю очаю аяи" лаҳҷавӣ. Падарро бошад, "папа" ё "папочка" мегуфтанд.

Рӯзе аммаам аз кадом ҷанозае баргаштанду ба духтарашон, ки он касро "мамачон" меномид, гуфтанд: "Вақте ки ман мурдам, боз дар болои сари ман "мама" гуфта гиря накунӣ. Имрӯз духтарҳои майит модарашонро "мамачон" гуфта овоз баровfavanд, мурда як тараф монду ҳама ба ҳоли ин духтарон, ки модарашон муаллимаи хизматнишондодаи донишгоҳ буд, хандиданд"...

Он солҳо вазъият то он дараҷае расида буд, ки аксар духтарону ҷавонони шаҳрӣ дар кӯчаю ҳаклиёт ба забони модарӣ ҳарф заданро айб медонистанд. Фикр мекарданд, ки агар ба забони модарӣ гап зананд, мардум онҳоро "кишлокӣ" мегӯяд. Духтарҳои тоҷики шаҳрӣ ба ҷавононе, ки русиро намедонистанд, ҳатто нигоҳ ҳам намекарданд. Аҷоиб замоне шуда буд.

Муносибати имрӯзаи бештари шаҳрвандон нисбат ба забони модарӣ аз дирӯза беҳтар нест. Сокинони шаҳри Душанбе тамоми кӯшишу қувваи худро сарфи он мекунанд, ки кӯдакони ашонро ба синфи русӣ диханд. Гӯиё аз хурдӣ фарзандонро русӣ омӯзонда, барои мардикорӣ омода мекарда бошанд.

Муаллимаи мактабе ба ман гуфт, ки аксари модарони ҷавон худашон тамоман русиро намедонанд, аммо бачаҳояшонро ба синфи русӣ медиҳанд. Чӣ тавр ин гуна модар бо талабаи синфи як вазифаи хонагиро иҷро мекунад, маълум нест. Забони дигареро донистан хуб аст, аммо вақте кӯдак забони модарии худро надонад, аз ин рӯзи бадтаре нест.

Шарми кас меояд, ки аксари тоҷикони мо ба шаҳрҳои Русия ба мардикорӣ рафта, номҳои зебои худро дарҳол иваз мекунанд. Худро Коляю Мишаю Сашаю дигару дигар муаррифӣ мекунанд. Мегӯянд, ки талаффузи номҳои тоҷикӣ барои русҳо душвор аст. Дигар баҳонае нест барои хушомад.

Дар кӯчаҳою хиёбонҳои зебои Душанбе ҷавонон бо як забоне сухан мегӯянд, ки намефаҳмӣ ин чӣ забон бошад. Дар алфавити забони мо дигар ҳарфи садонок намондааст. Дар навишт низ аксари ҷавонон босавод бошанд ҳам, дар саҳифаҳои иҷтимоӣ калимаҳоро бидуни ҳарфи садонок менависанд. Ҷойи ба бесаводон тақлид кардан, бояд ба онҳо касе бошад ҳам, дарси одобу савод омӯхт.

Аз он дашноми қабеҳ ва суханони бадеро, ки имрӯз дар кӯчаю ҳаклиёт аз забони ҷавонону калонсолон шунидан, кар будан авлотар аст. Забони модариро ин қадар пур аз ҳақорат кардан, баробар аст ба ҳақорати падару модари хеш.

Дар Вена, ки ҳоло муқимаш ҳастем, намояндагони миллатҳои гуногун зиндагӣ мекунанд. Масалан, туркҳо, ки аз соли 1945 инҷониб дар Утриш (Австрия) зиндагӣ ва кор мекунанд. Аз он замон сар карда, дар инҷо чор ё панҷ насли нави турк ба воя расидааст. Агарчи дар мактабҳо дарс ба забони олмонӣ гузарад ҳам, ягон фарзанди турк дар вақти танаффус ё дар кӯчаю хиёбон ба забони олмонӣ муошират намекунад. Онҳо танҳо ба забони модарии худашон байни ҳам суҳбат мекунанд. Дар оила низ фақат ба забони туркӣ ҳарф мезананд ва бо забони модарии худ фахр мекунанд.

Ба ҳеҷ ваҷҳ фарзанди турк ба модараш ба забони олмонӣ „Mutter, Mutti“ гуфта муроҷиат намекунад. Модар барои турконӣ инҷо "Anne" аст, вассалом. На "мамаю мамочкаю мамулечка" - чӣ тавре, ки имрӯз духтарони тоҷик дар саҳифаҳои "Фейсбук" модаронашонро ном мебаранд. Гӯё дар забони мо калимаи модар ё шакли дигари он набошад. Ин ҳама ба тарбияи падару модар вобаста аст.

Афғону арабу эрониҳо низ инчунин. Ҳама мекӯшанд, ки фарзандашон забони модариашро хуб донад. Ва намояндагони миллатҳои дигар низ. Дар мактабҳои инҷо аз талабаи навомада мепурсанд, ки забони модариаш кадом аст. Ва суол мекунанд, ки оё забони модариашро медонад ё не?

Ба духтари ман низ рӯзи аввали ба мактаб рафтанаш муаллим ин саволро дод. Духтарам ҷавоб дод, ки забони модариаш тоҷикӣ аст. Муаллим саволомез нигарист. Мутаассифона, инҷо намедонанд, ки Тоҷикистон кучосту тоҷикӣ чист.

Вақте духтарам гуфт, ки забони модариаш форсист, муаллим қаноатманд гардид ва гуфт, ки форсӣ (persisch) яке аз забонҳои зебои ҳиндуаврупоӣ аст. Муаллим инчунин илова кард, ки хеле мехоҳад забони форсиро омӯзад. Ва боз қайд намуд, ки ҳар як шахс бояд аввало забони модариашро хуб донад ва пасон забони дигарро омӯзад.

Ёд дорам, солҳои баъди 2000 ба Душанбе хориҷиён аз Амрико ва дигар давлатҳо меомаданд, то забони форсиро омӯзанд. Азбаски ба Эрон рафтани шаҳрвандони Амрико қариб ки номумкин буд, онҳо барои омӯзиши забони форсӣ ба Тоҷикистон меомаданд ва дар муддати на чандон дароз ба забони маҳаллӣ ҳарф заданро ёд мегирифтанд. Ба ҳамааш танҳо хоҳиш ва кӯшиш кифоя аст.

Ҳангоми бо эрониён ҳамсуҳбат шуданам, бори якуму дуюм нест, ки онҳо ҳарфзаниамро шунида, мегӯянд: "Забони ту зебост, забонест, ки ба мо дар донишгоҳ муаллимон дарс мегӯянд, яъне забони адабӣ. Забони Ҳофизу Саъдиву Хайём аст. Забони ҳозираи мо бошад, хиёбонӣ гаштааст - хеле бо калимаҳои франсавию инглисӣ ҷотӣ шудааст ва намефаҳмӣ, ки он порсӣ аст ё забони дигар".

Магар мешавад, ки аз ин суханон хурсанду болида нашавӣ, вақте ки як эронӣ забони муоширати туро аз забони худаш беҳтар медонад?

Як эронизани дигаре боре ба ман гуфт: "Чаро ту ба забони ман ҳарф мезанӣ?". Гуфтам, ки ин забони ман аст. Хандид ва инкор кард: "Не, ин забони ту нест, забони ман аст". Гуфтам, оре, ҳам забони туст ва ҳам забони ман.

Барои забони модариро донистани фарзандони мо низ нашояд, ки кӯҳро талқон кард. Кифоя аст, ки дар хона бо аҳли оила ба забони модарӣ ҳарф зад. Бояд асарҳои Айнию Ҷалол Икромӣ ва Сотим Улуғзодаро мутолиа кард. Ман забони ширини адабиро овони мактабхонӣ аз забони асарҳои Ҷалол Икромӣ - "Духтари оташ" ва "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро" омӯхтам.

Бо сад роҳ ва кӯшиши зиёд бачаро ба мактаби русӣ додан ҳам зарурият надорад. Фарзанд агар хоҳиш дошта бошад, сонитар русӣ, инглисӣ ва ҳатто чиниро меомӯзад. Забонҳои дигарро низ инчунин. Аммо агар забони модариро аз хурдӣ надонад, барои ёд гирифтани он дигар на хоҳиш пайдо мекунаду на вақт.

... Шодам аз он, ки як замоне модарам дастамро гирифта, маро ба синфи якуми мактаби №53-и тоҷикӣ оварданд. Забони модариро аз муаллимаи нотакрорамон Муҳаббат Маҳмудова омӯхтем.

Донистани забоне, ки бо он Рӯдакию Фирдавсию Хайёму Ҳофизу Саъдию Мавлоно сухан гуфта буданд, худ як боигариест беинтиҳо ва боиси фахрест бепоён...

Забони модарии худро дӯст дорем ва ҳифз кунем.

**Мавлудаи ҲОШИМӢ**

ПАРИЖ-2024

# ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН БА ПАРИЖ РАФТАНД

**Ҳайати дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон озими шаҳри Париж шуда, дар деҳаи олимпӣ барои буду бош ҷойгир шуданд.**

Аввалин рақобатҳои варзишгарони тоҷикро дар Бозиҳои Олимпии Париж -2024, рӯзи 27-уми июл Баҳодур Усмонов оғоз мекунад.

Тибқи санаҳои баргузории мусобиқаҳо варзишгарони кишвар аз намудҳои ҷудо, бокс, шиноварӣ ва варзиши сабук сафарбар гардиданд. Дар ин сафарбарӣ 6 паҳлавон аз намуди куштии ҷудо Эмомалии Нуралӣ (-66 кг), Беҳрӯз Хоҷазода (-73 кг), Сомон Маҳмадбеков (- 81 кг), Комроншоҳ Устопириён (- 90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (- 100 кг) ва Темур Раҳимов (+ 100 кг), 3 муштзан аз намуди бокс Мичгона Самадова (-57 кг), Баҳодур Усмонов (- 63,5 кг) ва Давлат Болтаев (- 92 кг аз кишвари Олмон сафарбар гардид), 2 шиновар аз намуди шиноварӣ Екатерина Бордачева ва Фахриддин Мадкамов дар масофаҳои кӯтоҳ – 50 ва 100 метр, дар варзиши сабук Фаворис Музрапов дар дав ба масофаи 100 метр, мураббиён ва масъулини федератсияҳои миллии кишвар буданд.

Як варзишгар аз намуди таэквандо Мунира Абдусаломова (+67 кг) ва як паҳлавон аз куштии тарзи озод Виктор Рассадин (-74 кг) тибқи санаи баргузории сабқатҳо 31-юми июл ба Бозиҳои тобистонаи олимпии Париж-2024 сафарбар мегарданд.

Ҳамчунин, довар Вадим Неъматов дар варзиши сабук доварӣ мекунад, ки намояндаи Тоҷикистон аст. Ӯ ягона довар аз Осиё аст, ки дарачаи World Athletics дорад.

**ҶАДВАЛИ БАРОМАДИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИК**

| | | |
|---|---|---|
| 27.07 | БАҲОДУР УСМОНОВ (-63,5 КГ) | 20:00 |
| 28.07 | ЭМОМАЛИ НУРАЛӢ (-66 КГ) | 13:00 |
| 28.07 | ДАВЛАТ БОЛТАЕВ (92 КГ) | 15:00 |
| 29.07 | БЕҲРӮЗИ ХОҶАЗОДА (-73 КГ) | 13:00 |
| 30.07 | СОМОН МАҲМАДБЕКОВ (-81 КГ) | 13:00 |
| 30.07 | МИЧҒОНА САМАДОВА (-57 КГ) | 16:00 |
| 31.07 | КОМРОНШОҲИ УСТОПИРИЁН (-90 КГ) | 13:00 |
| 01.08 | ҶАҲОНГИР МАҶИДОВ (-100 КГ) | 13:00 |
| 02.08 | ТЕМУР РАҲИМОВ (+100 КГ) | 13:00 |
| 02.08 | ФАХРИДДИН МАДКАМОВ (50 М) | — |
| 03.08 | ФАВОРИС МУЗРАПОВ (100 М) | 13:45 |
| 03.08 | ЕКАТЕРИНА БОРДАЧЕВА (50 М) | 14:00 |
| 09.08 | ВИКТОР РАССАДИН (-74 КГ) | 14:30 |
| 10.08 | МУНИРА АБДУСАЛОМОВА (+67 КГ) | 11:00 |

ФУТБОЛ

# ТОҶИКИСТОН ДАР РЕЙТИНГИ НАВИ FIFA МАВҚЕАШРО АЗ ДАСТ ДОД

**Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар рейтинги нави FIFA як зина поин шуд ва бо 1212,41 имтиёз дар ҷойгоҳи 103-юм қарор гирифт.**



Дар рейтинг Аргентина бо 1901,48 имтиёз дар байни 210 даста дар ҷойи аввал аст. Фаронса бо 1854,91 имтиёз дар ҷойи дуюм ва Испания бо 1835,67 имтиёз зинаи сеюмро соҳиб шудаанд. Ба даҳгонаи беҳтарин дастаҳои мунтахаби ҷаҳон Англия, Бразилия, Белгия, Нидерланд, Португалия, Колумбия ва Италия шомиланд.

Аз байни дастаҳои мунтахаби кишварҳои пасошӯравӣ зинаҳои баландро дар рейтинги FIFA Украина (25-ум, 1567,25 имтиёз), Русия (33-юм, 1506,58 имтиёз) ва Ӯзбекистон (61-ум, 1397,41 имтиёз) соҳибанд.

Тоҷикистон дар байни кишварҳои собиқ шӯравӣ аз Қазоқистон (109-ум), Озарбойҷон (111-ум), Эстония (123-юм), Литва (135-ум), Латвия (137-ум), Туркманистон (144-ум) ва Молдова (152-юм) пеш буда, пас аз Украина (25-ум), Русия (33-юм), Ӯзбекистон (61-ум), Гурҷистон (70-ум), Арманистон (97-ум), Беларус (99-ум) ва Қирғизистон (102-юм) ҷойгир шудааст.

Тоҷикистон дар байни дастаҳои мунтахаби узви Конфедератсияи футболи Осиё (AFC) дар ҷойи 17-ум аст. Дар Осиё Ҷопон дар мақоми аввал (дар ҷаҳон 18-ум), Эрон дар зинаи дуюм (дар ҷаҳон 20-ум) ва Кореяи Ҷанубӣ дар ҷойи сеюм (дар ҷаҳон 23-юм) мебошанд.

UFC

# ЛОИҚ РАҶАБОВ АЗ АМРИКОӢ ТРЕЙ ОГДЕН ШИКАСТ ХӮРД




**Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мусобиқаи UFC on ESPN 60 (бо номи Вегас 94) баргузор шуд, ки дар яке аз муборизаҳои муқаддамотии кортӣ размикори тоҷик Лоиқ Раҷабов (18-6-1, UFC 2-2) бо Трей Огдени амрикоӣ (18-6, UFC 3 -2-1NC) ба октагон баромад.**

Дар ин набард Огден бо қарори якдилонаи доварон Лоиқ Раҷабовро мағлуб карда хисобида шуд.

Ҳамин тавр, Лоиқ Раҷабов ҳамаи чор рақобаташро тибқи қарордод бо UFC баргузор кард. Ҳоло маълум нест, ки мухлати қарордод бо ӯ бо кадом шартҳо тамдид мешавад, ё не.

Лоиқ Раҷабов дар ММА байни ҳаваскорон дар соли 2015 унвони қаҳрамониро ба даст оварда буд. Чанде дар PFL ҳунарнамоӣ карда, дар UFC аз соли гузашта иштирок мекунад. Дар ин ҷо ӯ ду ғалаба ва як бохт дорад.

Раҷабови 33-сола рақобати охирини худро моҳи март дар доираи мусобиқаи UFC Vegas 87 бо амрикоӣ Абдул-Карим Ал-Севадӣ баргузор намуд. Дар ин кувваозмоӣ ӯ рақиби худро дар раунди сеюм бо як зарбаи дасти рост ба нокаут фиристод. Лоиқ Раҷабов ҳамагӣ 16 ғалаба, 6 бохт ва 1 мусовӣ дорад.

РЕЗААХБОР

Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) тахти роҳбарии Марко Раҷинӣ ба марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2025, ки аз 23 то 27-уми октябр дар Сингапур баргузор мешавад, омодагӣ мегирад. Дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2025 дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон дар гурӯҳи «J» бо дастаҳои Гуам (23 октябр), Сингапур (25 октябр) ва Уммон (27 октябр) бозӣ мекунад.

***

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон тахти роҳбарии Пайрав Воҳидов дар мусобиқаи байналмилалӣ ба хотираи собиқ президенти Ассотсиатсияи футболи Ӯзбекистон Мираброр Усмонов ширкат кард. Воҳӯрии якум бо Ӯзбекистон буд, ки бо ҳисоби 3:2 ба фоидаи футзалбозони ӯзбек хотима ёфт. Дастаи Тоҷикистон дар даври дуюм аз дастаи мунтахаби Гватемала мағлуб шуд (1:3) ва дар воҳӯрии сеюм бар дастаи мунтахаби Қирғизистон бо ҳисоби (4:1) пирӯз шуд.

***

Футболбози 23-солаи тоҷик Ваҳдат Ҳанонов фаъолияти худро дар ҳайати барандаи медали биринҷии чемпионати Эрон идома медиҳад. Ӯ бо клуби футболи «Сипоҳон» шартномаи дусола имзо кард. Ду соли охир Ҳанонов дар ҳайати «Персеполис» бозӣ карда, ду маротиба чемпиони Эрон шуд. Ҳанонов ҳамчун ҳимоятгар аз соли 2018 дар ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон бозӣ мекунад. Дар ин муддат ӯ дар ин ҳайат 35 бозӣ анҷом дода, 4 гол задааст.



***

Клуби футболи «Истиқлол»-и Душанбе дар як бозии дӯстона бо дастаи «БАТЭ» аз Беларус бо ҳисоби 0:2 шикаст хӯрд. Қаблан дастаи шаҳри Душанбе аз дастаи дигари ин кишвар «Неман» бо ҳисоби 2:3 мағлуб шуда буд. Дар ҳамин рӯзҳо бозигари беларусӣ Павел Назаренко бо дастаи «Истиқлол» шартномаи ҳамкорӣ баст. Боз як бозигар аз Македонияи Шимолӣ ба «Истиқлол» ҳамроҳ шуд, ки ин Дарко Илиескии 29-сола аст.

# ПРЕЗИДЕНТ МУМИНЗОДАРО РОНД

**Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Тоҷикистон бо судури як фармон Зоҳир Муминзода, раиси Суди ноҳияи Шамсиддин Шоҳинро аз мақомаш барканор кард.**



Сомонаи Президенти Тоҷикистон рӯзи 18-уми июл хабар дод, ки сарвари кишвар дар ҷаласае аз “рафтори ношоиста ва ғайриинномавӣ”-и раиси Суди ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ёдовар шуда, фармон додааст, ки "ӯ натанҳо аз вазифа озод гардад, балки аз мақомоти судӣ комилан ронда шавад".

Далели барканории Зоҳир Муминзода дар гузаргоҳи назоратии “Дараи Об” дар марзи Тоҷикистон бо Афғонистон як марзбонро латукӯб карданаш гуфта мешавад.

Ёдовар мешавем, ки рӯзи 8-уми июл сарбозони марзбон ҳангоми ворид шудани Зоҳир Муминзода ба маркази ноҳия мошини ӯро тафтиш ва аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки ҳуҷҷатҳояшро пешниҳод кунад. Раиси суд ба ҷойи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо асабӣ шуда, аз мошин поён мешавад ва Фирӯз Атовуллоев, сарбози нерӯҳои марзбониро мезанад. Феълан, Суди Олии Тоҷикистон рафтори Зоҳир Муминзодаро таҳқиқ мекунад.

# БОБОЗОДА САБАБИ ИХРОҶИ МУҲОҶИРОНРО ГУФТ






**Умед Бобозода, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон яке аз сабабҳои ихроҷи гурӯҳии муҳоҷирони тоҷикро аз Русия ба қазияи “Крокус Сити Холл” рабт дод.**

Ҳамчунин, ба гуфти вай, “ихроҷи муҳоҷирон ба тағйирот дар қонунгузории Русия низ рабт дорад”.

“Талаботи нави қонунгузории ин кишвар низ боиси ихроҷи на танҳо шаҳрвандони Тоҷикистон, балки шаҳрвандони дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ мегардад”,- гуфт ӯ.

Ёдовар мешавем, ки ҳамлаи террористӣ ба “Крокус Сити Холл” рӯзи 22-юми март рух дод. Дар ин қазия 146 нафар кушта ва садҳо нафар захмӣ шуданд. Масъулияти ин ҳамларо ДОИШ ба уҳда гирифт. Гумонбарони аслии ин қазия шаҳрвандони Тоҷикистон ҳастанд. Дар наворҳое, ки пас аз боздошти гумонбарон нашр шуд, маълум мешавад, ки онҳо мавриди шиканҷа қарор гирифтаанд. Вале Умед Бобозода мегӯяд, ки ба мақомоти Русия дар робита ба муносибати бераҳмона бо гумонбарони ҳамлаи террористӣ муроҷиати хаттӣ накардааст.

“Баъд аз нашри хабар дар бораи шиканҷа, ман шахсан бо Омбудсмени Русия оид ба ин масъала тамос гирифтам ва баъдан ӯ дар ВАО изҳор дошт, ки гумонбаршудагон набояд шиканҷа шаванд”,- зикр кард Бобозода.

Бобозода ҳамчунин гуфт, ки дар бораи шиканҷа ва бадрафторӣ нисбати чаҳор гумонбари асосӣ дар ҳамлаи террористӣ дар “Крокус Сити Холл” худи гумонбарон ба наздикони онҳо шикоят накардаанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчунин зикр кард, ки дар шаш моҳи ахир муҳоҷирони кории тоҷик дар Русия мавриди шиканҷа ва бадрафторӣ қарор нагирифтаанд ва дар соли 2023-юм 4-5 чунин ҳолат ба қайд гирифта шудааст.

# ТОҶИК ДАР ОЛМОН ҲАМСАРАШРО КУШТ

**Як зодаи Тоҷикистон дар Олмон ба гумони қатли ҳамсараш боздошт шудааст. Ҳодиса рӯзи якшанбе, 30-юми июн дар як бинои истиқоматӣ дар маҳаллаи Темпелхофи Берлин рух додааст.**




Полиси Берлин дар ҷойи ҳодиса ҷасади зани 45-соларо пайдо карда, ба иттилои Berlin Live, марди 59-сола - шавҳари ин занро ҳамчун гумонбар боздошт кардааст.

Сухангӯи полиси Берлин гуфтааст, ки зани 45-сола аз сараш ҷароҳатҳои вазнин бардоштааст. Гуфта мешавад, ки дар бораи ин ҳодиса ҳамсояҳо тақрибан соати 2-и шаб ба полис хабар додаанд. Berliner Kurer менависад, ки зани кушташуда ва марди гумонбар соҳиби даҳ фарзанд будаанд, ки онҳо аз 1 то 24-сола ҳастанд. 5 нафар фарзандони оила мустақил шуда, аз падару модар ҷудо ва 5 нафари дигар ҳамроҳи онҳо зиндагӣ мекарданд. Зикр мешавад, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят дар манзили истиқоматӣ аъзои дигари оила, аз ҷумла кӯдакон низ ҳузур доштаанд.

Гуфта мешавад, ин оилаи серфарзанд аз Тоҷикистон омада, чанд сол боз дар Олмон умр ба сар мебурданд. Ҳамсояҳо ба тафтишот гуфтаанд, ки бо сабаби монеаи забонӣ онҳо бо хонавода чандон муносибат надоштаанд.



**Мақомоти Русия зодагони ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ва ҳамчунин як сокини 16-солаи Самарароро дар сӯиқасд ба ҷони вакили Думаи давлатии Федератсияи Русия Михаил Матвеев муттаҳам кардаанд.**

Сомонаи Кумитаи тафтишоти Русия хабар медиҳад, ки қазия 18-уми июл сурат гирифт. Ба гуфтаи муфаттишон, айбдоршавандагон дар кӯчаи ноҳияи Индустриалии шаҳри Самара тартиботи ҷамъиятиро дағалона вайрон мекунанд. Вақте вакил ва ронандаи ӯ ба амали ғайриқонунӣ монеъ мешаванд, гумонбарон ба онҳо ҳамла карда, осеби ҷисмонӣ мерасонанд. Тафтишот идома дорад.



**Наҷотдиҳандагони КҲФ дар шаҳри Душанбе хонаеро, ки дараш маҳкам шуда буд, кушода, ҷасади як мардро пайдо кардаанд.**

Гуфта мешавад, бегоҳии 18-уми июл сокини 32-солаи шаҳр ба навбатдори кумита хабар додааст, ки наметавонад дари хонаи падарашро кушояд. Аз дохили хона садое шунида намешуд, мард ба зангҳо ва тақ-тақи дар ҷавоб намедод. Вақте наҷотдиҳандагон дари қулфшударо кушоданд, марди 68-соларо фавтида пайдо карданд. Тафтишот сабабҳои маргро муайян мекунад.



**Зодаи Тоҷикистон дар Алмаатои Қазоқистон мадрасаи ғайриқонунӣ (пинҳонӣ) ташкил карда, дар он ба 19 нафар кӯдакон таълими динӣ медодааст. Дар ин бора Zakon.kz хабар медиҳад.**

Мадраса дар қаламрави манзили хусусӣ амал карда, шаҳрванди Тоҷикистон бо истифода аз адабиёти динӣ кӯдаконро таълим медодааст. “Дар ҷараёни азназаргузаронӣ 178 нусха адабиёти динӣ, инчунин телефони мобилӣ ва ноутбук дарёфт ва мусодира шуда, ба ташхис фиристода шуданд”,- хабар медиҳад прокуратураи Алмаато.

# САРАТОН

## 5 роҳи халқии табобати он

**Саратон аз ҷумлаи бемориҳое мебошад, ки табобаташ бениҳоят душвор ва дар баъзе ҳолатҳо ҳатто имконнопазир мебошад. Аммо мисли тамоми бемориҳои дигари мавҷуда саратонро низ пешгирӣ кардан мумкин аст. Мо ба шумо дар бораи роҳу усулҳои халқии пешгирии бемории саратон маълумот медиҳем.**



**1.** Барои пешгирӣ намудани бемории саратон бештар оби тоза нӯшидан лозим аст. Дар як рӯз шахс бояд на камтар аз 2 литр оби чашма ё оби дигари тозаро нӯши ҷон кунад. Об заҳрҳоро аз ҷисми инсон баровarda, дар мубориза бо аллергия кумак мерасонад ва бемории саратонро пешгирӣ мекунад. Исбот шудааст, ки шахсони дар як рӯз бештар аз 2 литр оби тоза менӯшида 2 маротиба камтар ба бемории саратон гирифтор мешаванд.

**2.** Бисёриҳо ба лаблабу нописандона менигаранд, вале дар асл ин сабзавот барои организми инсон бениҳоят фоиданок аст. Лаблабу кори ҷигарро ба низом медарорад, хунро тоза мекунад ва моддаҳоеро, ки боиси пайдоиши ҳуҷайраҳои саратонӣ мегарданд, аз ҷисми инсон мебарорад.

**3.** Тавсияи сеюме, ки барои пешгирии бемории саратон дода мешавад, ин бештар истеъмол намудани помидор ва сабзӣ мебошад. Дар таркиби ин ду сабзавот витамини А зиёд буда, кори тамоми узвҳои дохилии инсонро ба низом медарорад.

**4.** Дар мубориза бо ҳуҷайраҳои саратонӣ равғани зағир низ хеле муфид аст. Истифода бурдани равғани зағир дар хӯрок ба ҷисми инсон ёрӣ мерасонад, ки барои несту нобуд кардани ҳуҷайраҳои саратонӣ моддаҳои заруриро ҳосил намоянд.

**5.** Барои пешгирии бемории саратон бештар ба ҷисми инсон витамини С лозим аст. Барои ҷисми худро бо ин витамин шодоб гардонидан шахс бояд бештар сабзиҷот, меваҳои тару тоза ва махсусан меваҳои ситрусӣ хӯрад.

Қобили зикр аст, ки тамоми витаминҳо барои ҷисми инсон заруранд, вале витамини С мақоми махсус дорад, зеро он ҳуҷайраҳои саратониро несту нобуд месозад.

# ЗАРДОЛУ ДАВОИ КАМХУНӢ



**Агар шумо хотирпарешону камхун ҳастед ва ё аз фаъолияти ғадуди зери меъда шикоят доред, пас меваи тару тозаи зардолуро истеъмол намоед.**

Ба гуфтаи мутахассисон, зардолу дорои қандҳо, инсулин, лимӯ, витаминҳои гурӯҳи B, C, H, E, P, провитамини А, оҳан ва ғайраҳо мебошад. Истеъмоли зардолу гемоглобинро дар хун зиёд мекунад, ба раванди гемопоэз таъсири муфид мерасонанд, ки ин барои гирифторони камхунӣ хеле муҳим аст. Мавҷудияти миқдори зиёди оҳан дар камхунӣ, бемориҳои системаи дилу раг ва ғайра, ки ба рушди норасоии калий ҳамроҳ мебошанд, нақши муҳим дорад. Инчунин он аз ҳисоби миқдори зиёди фосфор ва магний фаъолияти зеҳниро афзун ва хотираро беҳтар мекунад. Дар зардолу инчунин пектин мавҷуд аст, ки метавонад маҳсулоти заҳрноки мубодилаи моддаҳо ва холестеринро аз бадан хориҷ кунад.

Яке аз ҷиҳатҳои фоидаовари зардолу он аст, ки фаъолияти ғадуди зери меъдаро ба эътидол меорад, аз ин рӯ, фаъолияти ҷигар ва заҳра беҳтар мешавад.

Бояд гуфт, ки ин мева чӣ дар шакли тару тоза буданаш ва чӣ хушкаш фоидаовар дониста мешавад. Табибон ба занҳои ҳомила, инчунин он модароне, ки нав тифл ба дунё овардаанд, мунтазам хӯрдани зардолуи хушкро тавсия медиҳанд.

МАСЛИҲАТ

# 10 ФОИДАИ ГӮШТИ МОҲӢ

1. Истеъмоли гӯшти моҳӣ барои кам гардидани вазни бадан мусоидат намуда, ҳуҷайраҳои пӯсти чеҳраро ҷавон ва зебову таранг нигоҳ медорад.
2. Иммунитетро боло мебардорад ва касалиҳои меъдаву фарбеҳшавиро пешгирӣ менамояд.
3. Одамоне, ки мунтазам моҳӣ мехӯранд, дар онҳо эҳтимоли гирифторӣ ба афсурдаҳолӣ камтар аст.
4. Гӯшти моҳӣ нисбат ба гӯшти гов ва паранда зуд ҳазм шуда, организм онро тезтар аз худ менамояд.
5. Кори мағзи сарро беҳтар ва ҳангоми пирӣ хотираи инсонро мустаҳкам менамояд.



6. Хӯрдани моҳӣ метавонад хатари бемории ишемияи дилро коҳиш диҳад.
7. Равғани моҳӣ барои тоза намудани пӯсти инсонҳо аз ҳар гуна доғ ва доначаҳо хеле таъсирбахш аст.
8. Моҳӣ хатари пайдошавии баъзе намудҳои бемории саратонро кам менамояд.
9. Инчунин устухони моҳӣ давои беназир буда, дар таркибаш калтсий, калий ва витамини А хеле фаровон мебошад. Кӯфтаи устухони моҳӣ барои нест намудани ҳуҷайраҳои саратон ёрӣ мерасонад.
10. Гӯшт ва устухони моҳӣ аз ҳама муҳим ба иллатҳои вобаста ба майнаи сар, аз ҷумла саръ (эпилепсия) фоида дошта, ҳамзамон барои пешгирии касалиҳои сироятшавандаи вирусӣ ва зуком давои беҳамто мебошанд.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Ҳафтаи нав амалишавии орзуи деринаатон дар назар аст. Сешанбе ба ҷойе меҳмонӣ меравед, ки онҷо шиносоии тақдирсоз эҳтимол дорад. Барои пешравии касбу кор андаке ҳушёрӣ зоҳир намоед. Қисми дуюми ҳафта даромади калони пулӣ дар назар аст.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Ин ҳафта барои зодагони бурҷи савр бобарор ба ҳисоб меравад. Корҳоятон ривоҷ меёбанду даромади калон ба даст меоред. Дар ҳаёти шахсиятон низ дигаргуниҳои куллӣ дар назар аст. Чоршанбе воҳӯрии тақдирсозу шиносоии хуберо интизор бошед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Навигариву тағйироти ҳафтаи нав чунон зиёданд, ки вақти сарҳорӣ намеёбед. Тамоми воқеаҳои бо шумо рухдодаро дар тарозуи ақл баркашида, хулоса бароред. Дар ҷойи кор каме нофаҳмӣ сар мезанад, ки боиси сард гаштани муносибат бо роҳбаратон гашта метавонад.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Ин ҳафта роҳбарият меҳнати содиқонаи шуморо қадр менамояд, вале рашку ҳасади душманон метавонад саратонро ба балоҳо гирифтор кунад. Сешанбе бозгашти ошиқи бевафоятон шуморо хурсанд мекунад, вале бояд ба эҳсосот дода нашаведу бори дигар худро беқадр накунед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Ҳафтаи нав ба беҳолию хастагиятон аҳамият диҳед, вагарна беморӣ шуморо аз по меафтонад. Сешанбе дигаргуниро дар коргоҳатон интизор бошед, роҳбарият барои санҷиши шумо вазифаҳои зиёдеро ба дӯшатон мегузорад. Масъалаҳои пулии дӯстонатонро ба гардан нагиред.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ҳафтаи нав каме серташвиш мешавед, аз ин рӯ, тамоми корҳои нотамоматонро анҷом диҳед. Сешанбе барои гуноҳҳои пештар содир намудаатон ҷавоб хоҳед гуфт. Даромади пулиро ин ҳафта интизор нашаведу роҳҳои дигари ба даст овардани маблағро ба роҳ монед.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Пеш аз имзо гузоштан ба ҳуҷҷатҳои молиявӣ онҳоро нағзакак омӯзед. Ҳафта аз нигоҳи иқтисодӣ бобарор мешавад, агар кордонӣ зоҳир намоед. Харид кардан хуб аст, вале харҷи беҳуда нишонаи боақлӣ ва дурандешӣ нест. Якшанбе аз баҳсу ҷанҷол дурӣ ҷӯед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Дар ин ҳафта каме нотоб мешавед. Воҳима накунеду наздиконатонро ба ташвиш наоред. Беҳтараш ба рухсатии меҳнатӣ баромада, асабҳоятонро табобат кунед. Нимаи дуюми ҳафта ошиқи рамидаатон боз пайдо шуда, ранҷҳо ва захмҳои пешинаро аз нав мекушояд.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Ҳафтаи нав омодасозӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳои гуногунро ба рӯзи панҷшанбе гузаронед. Сешанбе аз ҷангу ҷанҷол худдорӣ кунед. Вазифаҳои бар дӯш доштаатонро дар идора софдилона иҷро намоед, то номатон ба «дафтари сиёҳ» наафтад.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Корҳои муҳимро рӯзи душанбе анҷом диҳед ё ақаллан нимаи аввали ҳафта ба сомон расонед. Бо шариконӣ кориатон дағалӣ накунед, чунки як сухани ноҷо метавонад ба тиҷорататон таъсири бад расонад. Рӯзи панҷшанбе имкони ба даст омадани пул ҳаст.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Ҳафтаи нав сабру таҳаммулро пеша намоед, то ки бевафоии ёр ва ба ёри дигар гирифтани ӯро босаброна таҳаммул созед. Нимаи дуюми ҳафта каме нотоб мегардед, беморие, ки кайҳо нороҳататон намекард, якбора хуруҷ мекунад. Дар ҷодаи ишқу ошиқӣ оромӣ ҳукмфармост.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Ин ҳафта аз бисёрии кор вақти сарҳорӣ намеёбед. Хаста шуда, истироҳат кардан мехоҳед, вале корҳои нотамом маҳкам аз доманатон мегиранд. Аз кумаки дӯстон истифода баред, то асабоният боиси ба касалӣ гирифтор шуданатон нагардад.

# ФУЗАЙЛ МАХСУМ

## ва зиндагии “баъди марг”-аш дар Ҳиндустон

**То пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва то ба имрӯз муқобилияти як идда тарафдорони охирон амири манғит - Олимхонро ба муқобили Артиши Сурх “босмачигарӣ” қаламдод карда, саркардагони онҳоро ҳамчун “душмани мардуми камбағал, бадхоҳони ҳукумати халқ” ва ғайра ба мардум тарғиб мекарданд. Имрӯз низ аксарияти мардум, бахусус калонсолон онҳоро ба некӣ ёд менамекунанд.**



### Вопасин рӯзҳои Амир

Яке аз саркардаҳои номии “босмачигарӣ” дар воҳаи Ғарм ба муқобили артиши сурх Фузайл Махсум буд, ки номаш то имрӯз дар китобҳои дарсӣ “сиёҳ” боқӣ мондааст.

Фузайл Махсум соли 1929 бо дастаи хурде ба хоки Афғонистон паноҳ бурду дигар ҳеҷ кас аз он замон то ба ҳол дар бораи ӯ маълумоте надорад, чуз ин ки: “Саркардаи босмачиҳо, душмани ҳокимияти Шӯравӣ дар Ғарму Қаротегин...”.

Он сон, ки маълум аст, 2-юми сентябри соли 1920 аскарони сурх бо роҳбарии Фрунзе амирро мағлубу аморатро сарнагун карданд ва Олимхон ҳамроҳи 120 тан занҳои ҳарамаш ба тарафи Бухорои Шарқӣ (ҳудуди ҳозира Тоҷикистон) гурехт. Бухорои Шарқӣ қариб 90 дар сад дар дасти босмачиҳо буд.

Олимхон дар ин ҷо ҳукмронии Вахшу Ҳисорро ба Иброҳимбек, Балҷувону Кӯлобро ба Давлатмандбӣ, Олойро ба Кӯри Шермат, Қаротегинро ба Фузайл Махсум ва Дарвозу Вахёро ба бародарон эшони Султону эшони Сулаймон қонунан супурда, ба онҳо ваъда дод, ки аз Афғонистон ба онҳо кумаки ҳарбӣ хоҳад расонд.

Худи амир барои хайрухуш бо волидайни модараш ҷониби Файзобод рафт. Маълум мешавад, ки беки Ҳисор духтари зебои Файзободиро ба амир Абдулаҳад тортуқ (пешкаш) кардаву мир ӯро ба занӣ гирифтааст ва аз ӯ Олимхон ба дунё омадааст. Ногуфта намонад, ки наберахои духтарии Олимхон то ҳол дар Файзобод кору зиндагӣ мекунанд...

Ҳамин тавр амир тавассути гузаргоҳи Сангтӯда ба Кӯлоб рафту он ҷо аз таъқиби отряди Бухоро тахти роҳбарии Дониёр як қисми корвону 120 занашро партофта, ба Афғонистон гурехт. Аскарони сурх ҳарами амирро ба Душанбе оварданд ва бо фармони фармондеҳи гарнизони Ҳисор онҳоро чун ғанимати ҷанг ба никоҳи аскарон даровиранд...

### Ҳокими Қаротегину Дарвоз

Бародарон эшони Султону Сулаймон олимони дин будаву миёни мардум эътибори калон доштанд. Иброҳимбек онҳоро бо фиреб ба доми худ афтонду ба муқобили Фузайл Махсум шӯронд. “Фузайл Махсум арзиши ҳукумати Ғарму Қаротегинро надорад, ӯро аз миён бардореду он ҷоро низ ба итоати худ оред!”.

Ҷосуси Фузайл Махсум шӯрангезию маслиҳати Иброҳимбекро ба ӯ расонид. Соли 1921 аскарони сурх дастаи 700-нафараи эшони Султону Сулаймонро торумор карданд ва он ду бародар ба деҳаи Езғанд паноҳ бурданд...

Фузайл Махсум, ки пайти мувофиқ мепоид, ба он деҳа ҳамла оварду ба муковимати мардум нигоҳ накарду эшони Султону Сулаймонро ба дор овехта ва худро ҳокими Қаротегину Дарвоз эълон кард.

Хабари мағлуб шудани Анварпошшоро соли 1923 Фузайл Махсум шуниду муқобилият бо сурххоро “бо думи шер бозӣ кардан” ҳис кард ва ба Афғонистон гурехт.

### Нусратулло Махсум дар муқобили Фузайл Махсум

21-уми апрели соли 1929 кори анҷумани 2-юми советҳо дар Душанбе фавран хобонда шуд. Зеро Фузайл Махсум бо дастаи нисбатан мукаммале пас аз шаш сол ногаҳон сарҳадро бе ҳеҷ муборизa убур кардаву Қалъаи Хумбу Сағирдашт ва Тавлидарaро ба тасарруфи худ дароварду ба маркази вилояти Ғарм ҳаракат кард. Дар ин ҳуҷум ӯ муаллимону фаранчипартофтагон, коммунистону сурхшудагон ва колхозчиёнро аз дами тиру теғ гузаронд.

Роҳбари ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ Нусратулло Махсум бо фармондеҳии Буденко аввалин маротиба тавассути тайёраҳо ба Ғарм парвоз карданд, то амалиёти зидди босмачиёнро назорат кунанд. Фузайл Махсум сари ҳар қадам ба ҳуҷуми фидоиёну аскарони сурх ва самолётҳо дучор шуда, ба шикаст рӯ ба рӯ шуду боз ба Афғонистон баргашт, аз ӯ хабаре наомад ва ҳаёти минбаъдаи ӯ дар саҳифаи таърихи халқи тоҷик торик монд.

Чун Фузайл Махсум ба он тарафи Ому гурехт, ба гуфтаи муаррихин, зиндагии минбаъдаи ӯ торик монд. Кӣ медонад, ки ӯ дар Афғонистон чӣ кардуу кай аз олам гузашт?

Фузайл Махсум зинда аст!

Соли 1984 гурӯҳи сайёҳони тоҷикро зери роҳбарии Раиси Шӯрои ҷумҳуриявӣ оид ба туризм Додихудо Раҳматов ба Ҳиндустон равон карданд. Сайёҳон пас аз тамошои шаҳри қадимаи Агра (Акбаробод) ба зиёрати Тоҷмаҳал омаданд. Ҳангоми тамошо ва гуфтугӯ ба онҳо мӯйсафеди ришсафеде, ки дар тан яктаҳи хушдӯхте дошт, наздик шуд ва ба суҳбати онҳо ҳарисона гӯш андохт. Мӯйсафеди нуронӣ буд.

Додихудову ҳамроҳонаш шод шуданд, ки бо ҳамзабони худ дар ин кишвари афсонавӣ вохӯранд. Мӯйсафед пас аз пурсупоси маъмул дар бораи Душанбе, Ғарм, Қалъаи Лаби об ва ғайраҳо пурсид. Додихудо ба ӯ дар бораи ин минтақаҳо ҳарф заду аз ҷумла афзуд, ки худ зодаи деҳаи Чилдараи Тавилдара мебошад. Мӯйсафед бо шунидани номи Тавлидара таконе хӯрду авзояш дигаргун шуд. Сарашро хам карду пурсид, ки оё мардум Фузайл Махсумро дар ёд доранд? Дар бораи ӯ чиҳо медонанду чӣ мегӯянд?

Додихудо ба ӯ нақл кард, ки Фузайл Махсумро насли нав ҳамчун “босмачиву душмани ҳукумати нав” аз китобҳои дарсиву бадей мехонанд. Ӯ соли 1928 ба Афғонистон гурехта ва дигар дар бораaш маълумоти аниқе нест.

- Чаро аз Фузайл Махсум ёд кардед? Магар ӯро мешинохтед ё ягон хешатон...?,- Додихудову ҳамроҳонаш ба ҳайрат суол доданду мӯйсафед сарашро хам карда, бо овози ларзон посух дод:

- Фузайл Махсум зинда аст...

- Наход?,- даҳони Додихудову ҳамроҳонаш воз монд.- Дар куҷо?

- Дар Ҳиндустон, дар рӯ ба рӯятон Фузайл Махсум истодааст...

Бо ин, ки қонуну қоидаи ҳукумати шӯравӣ сахт буд, ҳисси ҳамватаниву ҳамзабонӣ ва ҳамдинӣ дар Додихудову ёронаш боло гирифту аз нав мӯйсафедро ба оғӯш гирифта, пурсупос карданд. Фузайл Махсум ашк мерехт... ашки ҳасрат, ашки надомат.

Баъд ӯ нақл кард, ки соли 50-ум аз Афғонистон ба Ҳиндустон сафар кардаву ҳоло домуллоимоми яке аз масчидҳои мусалмонии Агра мебошад. Он ҷо эрониҳову афғонҳо ва тоҷикон кам нестанд...

Ниҳоят Фузайл Махсум бо дидагони пуробу дили кашол ҳамватанҳояшро хайрухуш карду оҳиста-оҳиста аз онҳо дур шуд...

Ин буд қисмати ҳанӯз ҳам нопурраи Фузайл Махсум, ки баъди соли 1984 боз чанд сол умр ба сар бурд.

**Мунаввари САФАР,**
**журналист**

## МАВЛУДНОМА

**• 25 ИЮЛ •**

**Таваралӣ Авсақолов** (1954), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманд ва коргардони театр.

**Сӯҳбатҷон Баҳриев** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника (кишоварзӣ), профессор.

**Ҳомидҷон Мамадов** (1929), 95-солагии зодрӯзи забоншинос (ӯзбекӣ), Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Барнои Султон** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Алӣ Шариф** (1954), 70-солагии зодрӯзи мутарҷим.

**• 26 ИЮЛ •**

**Аҳмадҷон Додоҷонов** (1919-1988), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Иззатманди Давлатманд** (1864-1929), 150-солагии зодрӯзи шоири халқӣ.

**Леонид Кровитский** (1909-1981), 115-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Адиби Пешоварӣ** (1844-1930), 180-солагии зодрӯзи шоир ва олими эронӣ.

**• 27 ИЮЛ •**

**Кароматулло Олимов** (1944), 80-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи ҷумҳурӣ.

**Исмоил Исмоилов** (1934-1988), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Қурбоналӣ Раҳмонов** (1954-2021), 60-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**• 28 ИЮЛ •**

**Муллоҷон Амирбеков** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илми байторӣ.

**Ҳамроқул Тиллоев** (1949-2003), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**• 29 ИЮЛ •**

**Александр Конопкин** (1899-1976), 125-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Раҳим Ҳошимов** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Амирии Фирӯзкӯҳӣ** (1904-1984), 120-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

**• 30 ИЮЛ •**

**Файзулло Амиршоев** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Олга Кайдалова** (1919-2000), 105-солагии зодрӯзи доктори илми санъатшиносӣ.

**Мирзоабдулқодир Абҳор** (1939), 85-солагии зодрӯзи шоир ва адабиётшиноси даризабони Афғонистон.

**31 ИЮЛ**

**Санавбар Бақоева** (1914-1987), 110-солгии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Файзалӣ Боев** (1939-1982), 85-солагии зодрӯзи коргардони телевизион.

**Иван Душкин** (1914-1943), 110-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ОМӮЗИШ

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникии соҳибмулки хона бо суроғаи ш. Хуҷанд, 18 микрорайон, б 7, ҳ. 73 ба номи Камолов Камолидин Джураевич бо сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

► Васиятномa тахти фехристи 4-10507 аз таърихи 07.11.2023 аз номи Гулова Чамангул Ҷафаровна ба номи Сироҷева Ҳалима Султановна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, шаҳраки 194, маҳ. Ховарон, кӯчаи Айнӣ 307, бинои 1, ҳуҷраи 31, блоки А, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақахӯр ба номи Гурьева Наталья Викторовна, ФЭУ УВВ МВД РТ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Каримов Абдухабил Зиёхолович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, деҳаи Сомон 1, хонаи 275, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1171966 ба номи Ҷумъаев Сафар Ҷумъаевич, ки санаи 05.07.2023 аз МТМУ №91-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Имомалиев Фуркат Имомраҷабович, РЯМ: 0430288531, РМА: 045811223, ки санаи 15.07.2019 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ ба номи Трусунов Юлчибой, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати шаҳраки Сомониён, кӯчаи Наврӯз, хонаи 20, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Исаев Хуршед Кахорович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Сомонӣ 12, ҳ. 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Назаров Сайфулло, РЯМ: 0730140675, РМА: 165360425, ки аз санаи 22.10.2016 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият даровarda шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

► Кооперативи тиҷоратии "Мавзидин", РЯМ: 3310001485 барҳам мехӯрад. Тел.: 933-318-933

## ЭЪЛОН

Зану шавҳари аз 45-сола боло ва бефарзандро барои кумак дар корҳои хона меҷӯям. Бо ҷойи зист ва хӯрок таъмин мекунам. Истиқомат дар хонаи алоҳида. Донистани забони русӣ ҳатмист.

Уҳдадориҳо барои зан: рӯбучини хона, либосшӯӣ, пухтани хӯроки хонагӣ (махсусан хӯрокҳои миллӣ), маҳкам кардани меваву сабзавот барои зимистон.

Уҳдадориҳо барои мард: нигоҳубини гирду атроф ва замини ҳавлӣ, таъмири хурд дар хона ва ҳавлӣ, нигоҳубини боғ ва полез. Беҳтараш бо ҳуҷҷати ронандагии категорияи B. Бо билет таъмин мекунем ё хароҷоти шуморо пардохт мекунем. Маош бетаъхир дода мешавад, аз 80 то 90 ҳазор рубл дар як моҳ барои ду нафар. Телефон барои тамос +79185529554, Ирина (Ватсап, Телеграмм).

Софдил, поктинат
Моҳи якуми шамсӣ
Фиребгар
Гардсӯз, ордбирён
96, 86, 66 шумораи ... дар бензин
Рақси мавзуни дунафара
Шаҳр дар Колумбия
Покӣ, порсоӣ
Шаҳри ... Ӯрда
Кӣ бо забони русӣ
Навозандаи асотири Юнони қадим
Мева
Қиссаи М. Горкий
... Мартин (овозхон)
Гови ваҳшӣ
Муаллиф бо забони русӣ
Ангезандаи касалии сироятӣ
Куллаи баландтарини кӯҳи Урал.
Аҳмадшоҳи ...
Зиннат, некӯӣ
Бадтабиат
Асосгузори инглис
...Гра, гурӯҳи эстрадии Русия
... Маркс
Вазири Искандари Макдунӣ
Расмкашӣ, сураткашӣ
Оташи шӯълавар.
Матои ресмонӣ ва нимабрешимӣ
Асоси тарбияи мактаб.
Чаббор, чаллод
Акс, сурат
Анор бо забони қазоқӣ
Меваи полезӣ
Кассиус Клей
Чавгонбозӣ
Маркази вилоят дар Украина.
Шарму ҳаё.
Ҳазорисанд
Номи пурраи Иттиҳоди Шӯравӣ
Муаллифи "Мазҳакаи илоҳӣ"
Фойтуни калон
Чизи баланд, олӣ.
Синоними калимаи "бурс"
Падар
365 ё 366 рӯз
Швартснегер дар хурдӣ
Сарнагун



## ЭЪЛОН

Мехоҳед, ки номатон чун муаллифи китобе дар таърих монад? Мехоҳед, ки навиштаҳоятон зери назари муҳаррирони соҳибтаҷриба ба нашр расанд?

Мехоҳед, ки нигоштаҳоятон фасеҳ ва бо забони соддаю фаҳмо ба дасти хонанда расанд?

Пас, ба нашриёти "ТОҶИКИСТОН" муроҷиат намоед!

Мехоҳед, ки аз зиндагиномаи шумо одамон огоҳ гарданд? Мехоҳед, ки дар бораи падару бобои шумо нависанд?

Мехоҳед таърихи зодгоҳатонро, ки бо он ифтихор мекунед, дигарон донанд?

Пас, ба нашриёти "ТОҶИКИСТОН" муроҷиат кунед ва аз хизмати соҳибқаламони он истифода баред!

Мехоҳед, ки тадқиқоти илмии Шумо мавриди назари мардум гардад? Мехоҳед, ки барномаи тӯйи зебои арӯсии фарзандатонро мураттаб кунед ва ё хабарномаи ҷолибе ба дасти даъватшавандаҳо расад? Мехоҳед, ки буклет ва ё навиди дигареро ба нашр расонед?

Пас, ҷойи шумо нашриёти "ТОҶИКИСТОН" аст!

"ТОҶИКИСТОН" ДАР ХИЗМАТИ ШУМОСТ!

**СУРОҒАИ МО:**
ш. Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 61, хонаи 15, ҳуҷраи 106
**ТЕЛЕФОНҲО:**
223 01 10, 227 76 60, 93 505 95 35
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:**
nashrtjk@gnail.com.shotemur



## АМВОЛ БАРОИ ФУРӮШ АЗ АМОНАТБОНК



АМОНАТБОНК
Бонки мардумии Тоҷикистон

1885
www.amonatbonk.tj

Агар Шумо хоҳиши харидорӣ намудани бино, хонаи истиқоматӣ, корхона ва ба ин монанд биноҳоро доред, пас аз амволи ба фурӯш гузоштаи **"Амонатбонк"** харидорӣ намоед.

Бо рӯйхати амвол барои бозфурӯш муфассал дар сомонаи расмии **"Амонатбонк"** шинос шавед. **www.amonatbonk.tj**

**Маълумоти бештар: 1885**

# SUPPLY AND DELIVERY OF TWO NEW SUV 4WD VEHICLES TO SUPPORT ENERGY SECTOR OF TAJIKISTAN

## EC-INTPA/DYU/2024/EA-LOP/0087

The Delegation of the European Union to Tajikistan intends to award a supply contract for supply and delivery of two new SUV 4WD vehicles in Tajikistan with financial assistance from the Neighbourhood, Development and International Cooperation Instrument – Global Europe. The tender dossier is available on the official web page of the EU Delegation to Tajikistan

**(https://www.eeas.europa.eu/delegations/tajikistan_en?s=228)** and will also be published on the supplement to the Official Journal of the EU (TED eTendering) and on the Funding & tender opportunities (F&T Portal):

**https://ec.europa.eu/info/funding-tenders/opportunities/portal/screen/home.**



The deadline for submission of tenders is 4 September 2024, 14:00 CET.

Possible additional information or clarifications/questions shall be published on TED (eTendering) and also available on the F&T portal.



# “ШПАРГАЛКА”-И ФАЙЗАЛӢ ҲАСАН

**Аҳли фарҳанг Ато Мирхоҷа, Абдуллои Раҳнамо ва бобои Файзалӣ Ҳасан озими Бадахшон мешаванд. Аввал ба маркази вилоят меравандy бо аҳли зиё дидор мекунанд, сипас бародари Аторо ҳамроҳ гирифта, ба ноҳияи Дарвоз меоянд.**

Дар маркази Дарвоз, ки аз ташрифи меҳмонон қаблан бохабар буданд, барои мулоқот як майдони назди идораи ҷамоатро омода карда буданд. Абдулло ба мардум, ки дар майдон бо хотири болида ҷамъ омада буданд ва аксаран калонсолон буданд, аз таърихи пурифтихори миллатамон суҳбати пурмуҳтавое мекунад, бобои Файзалӣ барои ҳозирон сурудҳои хеле дилнавоз месарояд. Ато Мирхоҷа шеърҳои ватандӯстона қироат мекунад.

Ҳини ҳунарнамоии бобои Файзалӣ, ки шогирди бовафо ва содиқи устоди зиндаёд Одина Ҳошим аст, мардум хоҳиш мекунанд, ки бобои Файзалӣ аз репертуари устод Одина суруде бихонад. Бобои Файзалӣ, ки шахси хеле доно ва дурандеш аст, дар як он меандешад, ки барои устодон Саидалӣ Вализода ва Одина Ҳошимро ёд кардан мавриди муносибест ва суруди кӯҳна, вале дӯстдоштании мардум - "Ленин - бародар, раҳнамо"-ро месарояд. Мардум, ки аксаран ба қавли устод Фазлиддин Муҳаммадиев "одамони кӯҳна" буданд, бачагӣ ва даврони гузаштаро ба ёд оварда, ҳам шод мешаванду ҳам маҳзун. Хуллас, суруд бо кафкӯбиҳои осмонкаф хотима меёбад.

Баъди қисми асосии маъракa мардум дар атрофи меҳмонон ҷамъ мешаванд, то ки фарзандони маҳбуби Ватанро зиёрат кунанд ва дидорашонро аз наздиктар бинанд.

Аз миёна муллои деҳаи наздиктарин ба Ато рӯ оварда, ҳолпурсӣ мекунад ва хушомадед мегӯяд. Зимнан хоҳиш мекунад, ки:

- Атоҷон, хайр, ман-ку меҳмононро мешиносам, лекин ҷавонтарҳо чеҳраашонро шиносанд ҳам, на ҳамаи меҳмононро бо номҳояшон мешиносанд. Такрор ҳам шавад, меҳмононро бори дигар шинос мекардед.

Бо амри тасодуф меҳмонон дар назди муҷассамаи Ленин истода буданд. Дар паҳлуи муҷассама бародари Ато ва баъд Абдуллои Раҳнамо истода буданд.

Ато табассуме карда, аввал ба муҷассама ва баъд ба бародарашу Абдулло бо ангушт ишора мекунад:

- Ленин, бародар, Раҳнамо.

Бобои мулло, ки аз Ато хоҳиши муаррифии меҳмононро карда буд, бо ханда мегӯяд:

- А бачаи бобош ҳафт-та, бовои Файзалӣ дар иҷа шпаргалкаи зинда доштаю мо мегем ин суруди кӯҳнара то ҳол чӣ хел фаромӯш накарда боша...

**Мирзо КЕНҶА**

## Издивоҷ

Набера ба бобояш мегӯяд:

- Бобоҷон, издивоҷ кардан хуб аст?

- Бале, набераи бобо, издивоҷ ки кардӣ, ҳамсарат ҳамдардат мешавад.

- Бобоҷон, ман дарде надорам,- мегӯяд набера.

- Парво накун, набера. Издивоҷ ки кардӣ, дард худаш пайдо мешавад!,- посух медиҳад бобо.

## Иштибоҳ

Зане хост шавҳарро санҷад. Телефонашро доду гуфт:

- Саидҷон, рамзи телефонам таърихи рӯзи издивоҷамон аст. Метавонӣ онро боз кунӣ!?

Мард телефонро гирифту дарҳол боз кард.

Ҳайрон шуду гуфт:

- Чӣ хел бозаш кардӣ!? Таърихи рӯзи тӯямон дар хотират ҳаст!?

Мард гуфт:

- Наход одам рӯзи иштибоҳи бузурги зиндагиашро фаромӯш кунад!?

## Моҳ

Духтар ба дӯстдоштааш гуфт:

- Ман ягона духтар ҳастам ва худро хушбахт эҳсос мекунам. Баъзан ба худ савол медиҳам, ки "дар дунё касе монанди ман нест, мисли моҳ равшан, зебо ва ягона ҳастам".

Ҷавон гуфт:

- Ман ҳам баъзан худамро Армстронг эҳсос мекунам.

Духтар пурсид:

- Армстронг кист?

Гуфт:

- Нафаре, ки бори нахуст болои моҳ баромад!

## Қабркан

Муаллими шуъбаи ғоибона ҳангоми имтиҳон аз донишҷӯ мепурсад:

- Шумо дар куҷо кор мекунед?

- Ман шиму костюм мефурӯшам.

- Ҳа, размерамро медонӣ ҳа?

Донишҷӯи дигар имтиҳонсупорӣ меояд. Муаллим мепурсад:

- Шумо дар куҷо кор мекунед?

- Муаллимҷон, ман ба телефонҳо пул мегузаронам.

- Рақамамро медонӣ ҳа?

Вақте навбати донишҷӯи дигар мерасад, муаллим аз ӯ ҳам мепурсад:

- Шумо дар куҷо кор мекунед?

- Устод, ман размери шуморо медонам.

- Офарин, бачаи боақл будай. Хуб, куҷо кор мекунӣ?

- Муаллимҷон, ман қабркан ҳастам.

## Шароб

Устод дар синфхона кирмеро рӯйи миз гузошт ва қатрае аз шароб болои он рехт. Кирм мурд.

Устод гуфт:

- Дидед оқибати шаробнӯшӣ чӣ будааст?

Гуфтанд:

- Оре, бояд шароб хӯрд, то кирмҳои дарунамон бимиранд.

Устод дид, ки ӯро нодуруст фаҳмиданд. Шаробро бурду назди хар гузошт, вале хар аз он нахӯрд.

Устод гуфт:

- Дидед, ҳатто хар ҳам аз ин наменӯшад, акнун чӣ хулоса кардан мумкин аст?

Талабаҳо гуфтанд:

- Ҳар касе ки шароб наменӯшад, хар аст!

Таҳияи
**Н.РАҶАБОВА**

## Сканворд

